# ИДИ ЗАФАР МУБОРАК!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 4 (196) 7-УМИ МАЙИ СОЛИ 2024, СЕШАНБЕ






Ҳар сол мардуми сулҳдӯсти сайёра, аз ҷумла мо – сокинони Тоҷикистони соҳибистиқлол даҳшати ин ҷанги хонумонсӯзро ёдоварӣ намуда, 9 - уми майро ҳамчун санаи таҷлили корномаи мардони далеру шуҷоъ ба муқобили фашизми гитлерӣ ҷашн мегирем.

Дар ҳақиқат, Ҷанги дуюми ҷаҳон дар таърихи инсоният аз ҷумлаи фоҷиабортарин ҷангҳо ба ҳисоб рафта, оқибатҳои даҳшатбори он то ҳанӯз дар ҷисму қалби мардуми сайёра эҳсос мегардад.

Қобили зикр аст, ки ғалабаи бузург бар фашизм дар натиҷаи муборизаи дастҷамъонаи мардуми собиқ шӯравӣ ва кишварҳои гуногун ба даст омадааст ва намунаи муборизаи озодихоҳонаи халқу миллатҳои мухталиф мебошад.

Бояд гуфт, ки дар таъмини ғалабаи таърихӣ ҷавонмардони бонангу номуси Тоҷикистон низ саҳми арзишманд гузоштаанд.

Сабақҳои талхи мубориза бар зидди фашизм ба аҳли башар ҳамеша ҳушдор медиҳанд, ки ба хотири пойдории сулҳу субот ва рӯзгори орому осуда дӯстиву ҳамкорӣ ва равобити созандаи халқу давлатҳоро таҳкиму густариш бахшидан амри зарурӣ ва ҳаётан муҳим аст.

Мо бояд наслҳои имрӯзаро дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарварӣ, ҳисси баланди миллӣ, сулҳпарвариву башардӯстӣ ва ободкориву созандагӣ тарбия кунем ва ба камол расонем.

Ҳамчунин, мо бояд бо тамоми халқу миллатҳо ва пеш аз ҳама, бо мардумони минтақа ва ҳамсояҳои наздики худ ҳамеша дар фазои сулҳу оромӣ, дӯстиву ҳамкорӣ ва эҳтироми якдигар зиндагӣ кунем.

Эмомалӣ РАҲМОН

## ДАР ИН ШУМОРА:

СУХАН АЗ МАКТАБИ БУЗУРГИ ҶАСОРАТУ ШУҶОАТ ВА ВАТАНДОРӢ с. 2

ҚАДАМИ УСТУВОРУ БОВАРИБАХШ ДАР САМТИ ОЗОДИИ ВИҶДОН ВА ЭЪТИҚОДИ ДИНӢ с. 4

МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ КОРМАНДОНИ ХОНАГӢ ВА ХОНАКОРОН с. 5

НАВГОНИҲО ДАР ТАҲРИРИ НАВИ КОДЕКСИ ФАЗОИ ҲАВОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН с. 7

АНДЕШАҲОИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТ ВОБАСТА БА ЭЪЛОН ГАРДИДАНИ СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ с. 10

ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МОҲИЯТ ВА РОҲҲОИ МУҚОВИМАТ БО ОН с. 11

9 МАЯ – ТРИУМФ ДОБРА НАД ТЬМОЙ ТИРАНИИ с. 15

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Миралӣ СОБИРОВ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Азимҷон ҶУРАЕВ
**Муҳаррир:**
**Яқуб ҲАКИМОВ**
**Тарроҳ:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Мирзозода П.З.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.**
муовини декан оид ба илм ва инноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, ректори ДМТ.
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори ДДК ба номи А. Рӯдакӣ.
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи ҷанданешӣ ба табъ мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ тахти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.

Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 918-15-05-05
(+992) 988-15-73-73
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Шерзода Бурхоналӣ**

# СУХАН АЗ МАКТАБИ БУЗУРГИ ҶАСОРАТУ ШУҶОАТ ВА ВАТАНДОРӢ



Таърихи 02.04.2024 вохӯрии навбатии ректори Донишгоҳ, профессор Насриддинзода Э.С. бо хатмкунандагони факултетҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқшиносӣ баргузор гардид. Ректори Донишгоҳ зимни суханронӣ аз таваҷҷуҳи вижаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба ҷавонон ёдовар шуда, изҳор дошт, ки ҷавонон неруи бузург ва пешбарандаи фарҳангу тамаддуни ҷомеаи башарӣ буда, ҳамеша дар пешрафт ва рушду нумуи соҳаҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ саҳми арзанда доранд.

Дар идомаи вохӯрӣ роҷеъ ба мавзуи ватандӯстӣ андешаҳои ҷолиб сурат гирифта, таъкид гардид, ки



андешаи созанда ва бедоркунандаи мағзҳои хуфта дар ин шабу рӯз зарур аст. Ба қавле андешаи миллӣ барои таҳкими ваҳдати комил ва рушди устувори давлатдорӣ нақши басо муассир мебозад.

Зимнан гуфта шуд, ки имрӯз вазифаи асосии ҷавонон хонишу омӯзиши пайваста, интизоми намунавию ахлоқи ҳамида, фаъолияти пурсамар дар соҳторҳои мухталиф, ҳифзи дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ ва хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Гуфта шуд, ки хизмат ба Ватан-Модар қарзи фарзандӣ ва имониву виҷдонии ҳар як ҷавонмарди бонангу номус буда, мактаби бузурги тарбияи ирода, ҷасорат, шуҷоат ва ватандорӣ ба ҳисоб меравад. Иҷрои ин қарз нишонаи камолоти инсонии ҳар як ҷавон мебошад. “Ҷавонони бо ору номуси миллат, Шумо фарзандони содиқи Тоҷикистон ҳастед. Рисолати асосии мову Шумо аз он иборат аст, ки Тоҷикистони азизамонро дӯст дошта, дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ хизматро содиқона ба ҷо орем ва дар ҳифзи Ватан ва дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ саҳми муносиб гузорем.

Бигзор, хизмати шоиста ва содиқонаи Шумо боиси ифтихори падару модарон, наздикону пайвандон ва аҳли ҷомеа гардад»- гуфта шуд дар вохӯрӣ.

# ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАЪОЛ ДАР ШУРОИ ОЛИМОН

Санаи 2-юми майи соли равон дар ҷаласаи васеи Шурои олимони факултет доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. донишҷӯи соли 2 Раҳмонов Абдураҳмон ва донишҷӯи соли 3 Раҷабзода Хусравро, ки ғолиби озмуни стипендияи Раиси шаҳри Душанбе гардидаанд, таҳсину муборакбодӣ намуда, ба онҳо дар фаъолияти минбаъдаашон барору комёбиҳои беназиро таманно намуд.





Баъд зикр намуд, ки донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ пайваста дар чунин озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявиву байналмилалӣ иштирок намуда, сазовори ҷойҳо намоён мегарданд.

# КОНФЕРЕНСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИЛМӢ-АМАЛИИ «ПАДИДАИ ҲОКИМИЯТИ ПРЕЗИДЕНТӢ ДАР КИШВАРҲОИ ИДМ»

11 апрели соли 2024 дар доираи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Падидаи ҳокимияти президентӣ дар кишварҳои ИДМ» мизи мудаввари «Таврический» баргузор гардид. Конференсияи мазкур аз ҷониби Институти байналмилалии мониторинги рушди демократия, парламентаризм ва риояи ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандони давлатҳои аъзои ИДМ ташкил карда шуд. Дар кори он донишҷӯён, омӯзгорони донишгоҳҳои кишварҳои аъзои ИДМ, масъулини Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои





аъзои ИДМ, кормандон ва коршиносон иштирок карданд. Аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар конфренсияи мазкур устодони факултети ҳуқуқшиносӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар кори мизи мудаввар масъалаҳои зерин баррасӣ шуданд:

- таърихи пайдоиши падидаи президент дар кишварҳои ИДМ;
- нақши падидаи президент дар ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд;
- рушд ва инкишофи падидаи президент дар замони муосир.
- мақоми президент дар низоми мақомоти давлатӣ.

# МАВОДИ КОНФЕРЕНСИЯ РӮИ ЧОП ОМАД

Бахшида ба «30-юмин солгарди кабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маводи конференсияи илмӣ назариявии профессорону омӯзгоронро аз чоп баровард, ки дар он масоили муҳими ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ба самъи хонандагон расонида шуд.




# ФОРУМИ XIV ИҚТИСОДИИ ҶАВОНОНИ АВРУОСИЁ

Раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар самти татбиқи сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушди ҳамкориҳои илмию фарҳангӣ чораҳои заруриро роҳандозӣ намудааст. Раёсат таҳти роҳбарии ректори Донишгоҳ, профессор Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин дар ин самт тадбирҳои тозаеро давра ба давра рӯйи даст гирифтааст. Ҳамин аст, ки имрӯз робитаҳои байналмилалии Донишгоҳ дар ҳолати рушд қарор дошта, натиҷаи чунин ҳамкориҳои судманд бо донишгоҳҳои олии хориҷи кишвар аст, ки устодону донишҷӯёни Донишгоҳ барои иштирок дар озмуну чорабиниҳои сатҳи ҷаҳонӣ ҷалб карда мешаванд.



Аз 22 то 26 апрели соли 2024 дар шаҳри Екатеринбурги Федератсияи Русия Форуми XIV иқтисодии ҷавонони АвруОсиё баргузор гардид, ки дар он дастаи олимпии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолона иштирок намуд. Дар ин чорабинии сатҳи байналмилалӣ намояндагон аз 114 кишвари ҷаҳон ширкат доштанд, ки ин нишондиҳандаи бесобиқа дар тамоми таърихи баргузории Форуми иқтисодии ҷавонони АвруОсиё ба ҳисоб меравад.

Қобили зикр аст, ки дар даври ниҳоӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро даста иборат аз 5 нафар дар номиннатсияҳои зерини Озмун муаррифӣ карданд:

-Роҳҳои ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд – Шаропов Саломиддин

-Челленҷ дар сабки "Тик-ток" – Ҳалимова Мадина

-Шаҳр: «Open the future» – Сафаров Меҳроб

-Амнияти иқтисодӣ аз нигоҳи ҷавонон: Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва Русия - Бобошоҳзода Шоҳимардон

- Ҳуқуқ ва тиҷорат: эволютсия ва инноватся - Шарипов Зафар

Дар даври ниҳоии Форум 5 нафар аъзоёни дастаи олимпии Донишгоҳ дар шакли хузурӣ ширкат варзида, ҳамагӣ сазовори медалҳои тиллоии Форум гардиданд.

Дар форум зиёда 17000 нафар иштирокчӣ аз 114 давлати ҷаҳон, бо иштироки зиёда аз 50 донишгоҳҳои олии мамлакатҳои хориҷа.



# ИШТИРОКИ УСТОДОНИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР КУРСИ ТАЪЛИМИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС

Аз санаи 16.04.2024 то 19.04.2024 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия қисмати амалии курси таълимии такмили ихтисос барои ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии аъзоёни Донишкадаи байналмилалии шабакавӣ дар соҳаи муқовимат ба маблағгузории терроризм «Практико-ориентированный подход в обучении специалистов образовательных организаций высшего образования в сфере противодействия легализации (отмыванию) доходов, полученных преступным путем» баргузор гардид, ки дар он мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовиммат бо коррупсияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон н.и.х., дотсент Раҳмонзода М.Ҷ. иштирок намуданд.





Дар раванди курс устодон донишҳои лозимиро аз худ намуда, соҳиби сертификат гардиданд.

# ДОНИШҶӮИ ФАКУЛТЕТ ДАР ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА САМБО САЗОВОРИ МЕДАЛИ ТИЛЛО ГАРДИД

Хурсандибахш аст, ки донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ на танҳо дар риштаи илм, ва тарбия намунаи ибрат мебошанд, балки дар бахши намудҳои гуногуни варзиш низ муваффақ гардида, пайваста ғолибият ба даст меоранд.




Яке аз донишҷӯёни факултет, ки пайваста ғолиби мусобиқаҳои варзишӣ мегардад, Ғаниев Мусохон мебошад. Номбурда донишҷӯи соли 2-юми факултет буда, дар чандин мусобиқаҳои сатҳи ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ Парчами давлатии ҶТ-ро парафшон намудааст.

Дар ин асно санаи 17-18 уми апрели соли равон чемпионати Тоҷикистон оид ба самбо баргузор гардид, ки дар он донишҷӯи факултет Ғаниев Мусохон иштирок намуда, сазовори ҷойи 1-ум гардид.




Аз ин рӯ, садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ва ҳайати устодону кормандони ин даргоҳ Ғаниев Мусохон - ро бо ин дастовардаш табрику шодбош намуда, ба ӯ муваффақиятҳои беназирро ба нафъи Ватани маҳбубамон орзу менамоянд.

# ХУШХАБАР

Дар асоси фармоиши Раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи додани дараҷаи илмӣ, ба як қатор устодон факултет аз ҷумла ба декани факултет Мирзозода П.З. дипломи доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия Мирзоев Қобил ва ассистенти кафедраи ҳуқуқи наклиёт ва ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои табиӣ Буриев Акмал дипломи дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шуд. Аз ин рӯ, идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» устодони азизро ба ин дастоварди илмиашон самимона табрику таҳният намуда, ба онҳо барору комёбиҳои беназирро таманно дорад.







# ҚАДАМИ УСТУВОРУ БОВАРИБАХШ ДАР САМТИ ОЗОДИИ ВИҶДОН ВА ЭЪТИҚОДИ ДИНӢ

## (Андешаҳо дар ҳошияи мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони аҳли ҷомеа ва ходимони дин)

**(Идома аз шумораи гузашта)**

*Дар самти таъмини ҳуқуқи инсон ба озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ низ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд тадбирҳои самарабахш андешида шуданд. Махсусан ба хотири амалӣ гардидани ҳуқуқи инсон ба озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ дар мамлакат Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим дар назди Ҳукумат, Муассисаи давлатии Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти мамлакат, Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам таъсис дода шуданд. Ҷиҳати танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дар доираи қонун амалӣ намудани эътиқоди динӣ, ҳамзамон дур намудани шаҳрвандон аз хурофотпарастию сарфакорӣ қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» иқдоми саривақтии давлату Ҳукумат ба шумор меравад.*



**Ҷаҳонгир САЪДИЗОДА**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ

Сарвари давлат хотираи неки ниёгонамонро шод намуда, бо ифтихор аз хизматҳои созгори онҳо барои миллати тоҷик ва умуман уммати Ислом ёдоварӣ ва таъкид намуданд, ки мардуми Тоҷикистон, махсусан ҷавонону наврасон бояд ифтихор аз он дошта бошанд, ки меросбари шахсиятҳои бузурги илмию ахлоқие, ба монанди Имом Абуҳанифа, ки зиёда аз 60%-и мусалмонони рӯи Замин пайравони мазҳаби ӯ мебошанд, Имом Бухорӣ, ки илми ҷаҳонӣ ва кулли мусалмонони олам «Ҷомеъ – ус – саҳеҳ»-и ӯро саҳеҳтарин китоб баъди Китоби Худо, яъне Қуръони карим медонанд, Мавлоно Ҷалолиддин Балхӣ, ки бо асари безаволаш- "Маснавии маънавӣ" машҳури олам гаштаast, ба шумор мераванд.

Тавре Президенти Тоҷикистон иброз намуданд: "Ҳар фарди ин сарзамин ва ҳар наврасу ҷавони он, ки бо решаҳои таърихиву забонӣ ва фарҳангиву маънавӣ бо миллат ва халқи тоҷик пайванди ногусастанӣ дорад, бояд бо ифтихор иброз намояд, ки ман тоҷикам, набера ва меросдори аҷдоди бофарҳанге ҳастам, ки барои рушди илму фарҳанг ва тамаддуни башарӣ, инчунин ҳифзи асолати дини мубини Ислом хизматҳои басе арзишманд карда, дар олами ислом ҷойгоҳи сазоворро соҳиб гардидаанд".

Дарвоқеъ, мардуми сарбаланди Тоҷикистон вазифадор ҳастанд, ки пеш аз ҳама, аз ниёгонашон бохабар бошанд, аз фаъолияту корнамоиҳои онҳо огаҳӣ дошта бошанд, таърихи пайдоиш ва моҳияти ҳақиқии дини мубини Исломро дуруст сарфаҳм раванд ва дар замони муосир – авҷи бархӯрди тамаддунҳо ва фаъолияти гурӯҳҳои манфиатхоҳ, ҷудоиандоз, ки мақсади асосии онҳо бо ҳар роҳу воситае нооором сохтани фазои ҷомеаи ҷаҳонӣ, махсусан давлатҳои миллӣ мебошад, бо донишу фарҳанги баланди сиёсиву ҳуқуқӣ устувор бошанд. Аз ин рӯ, дар чунин вазъият мо, халқи Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд бо мақсади ҳифзи Истиқлолу озодӣ ва амнияти давлату ҷомеа қонунҳои амалкунандаи давлатро қатъиян риоя намуда, ҳамзамон арзишҳои созандаи дини исломро ҳифз намоем ва кӯшиш намоем бо ин роҳу восита паҳншавии тафриқаандозиву ифротгароиро барҳам занем. Зеро натиҷаи бетарафӣ ва беэътиноиро миллати тоҷик дар оғози солҳои 90-ум, дар рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии мамлакат эҳсос намуда буд, ки фаромӯшношуданӣ аст.

Сафари Ҳаҷ ва зиёрати Каъба яке аз унсурҳои таркибии ба ҷо овардани эътиқоди динии мусалмонон ба шумор меравад. Шаҳрвандони Тоҷикистон бо мақсади ба ҷо овардани фаризаҳои диниашон сафари Ҳаҷ менамоянд. Афзоиши шумораи шаҳрвандоне, ки бо мақсади адои ин фаризаи динӣ сафари Ҳаҷ менамоянд, бозгӯи сатҳи баланди зиндагӣ дар Тоҷикистон аст. Давоми солҳои охир раванди адои фаризаҳои динӣ, махсусан Ҳаҷ нишон медиҳад, ки шаҳрвандони мамлакат аз ҷанбаҳои маънавӣ, динӣ ва фарзии Ҳаҷ дур шуда, бештар ба шакли зоҳирии он таваҷҷуҳ менамоянд, ки хеле нигаронкунанда аст. Зеро, баъзе аз онҳое, ки зиёрати Каъбаро анҷом медиҳанд, аслан ба талаботе, ки барои сафари Ҳаҷ намудан дар китоби муқаддаси Қуръон ва ҳадисҳои Паёмбари Ислом оварда шудааст, ҷавобгӯ нестанд. Аз ин рӯ, Сарвари давлат аз оятҳои Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ иқтибос оварда, иброз намуданд, ки ҳар шахс бояд дар доираи қувват ва тавоноӣ сафари Ҳаҷ намояд. Яъне, давлат тамоми шароити зарурро барои ба ҷо овардани ин эътиқоди динӣ фароҳам овардааст, аммо шаҳрвандон бояд, пеш аз ҳама, сатҳи зиндагиашонро беҳтар намоянд, барои фарзандонашон шароити мусоиди зист ва таълиму тарбияро фароҳам оваранд, аз аҳволи ҳамсояҳои худ бохабар гардида, сипас, азми сафари Ҳаҷ намоянд. Тавре Пешвои миллат таъкид намуданд: "Мо бояд як нуктаи муҳимро дар хотир дошта бошем: дар шароите, ки мо хонаи обод надорем, макони зистамон ба талабот ҷавобгӯ нест, фарзандонамон ба сару либос, китобу дафтар ва дигар ҷиҳозҳои хониш эҳтиёҷ доранд, ба падару модари худ хизмат карда, дили онҳоро аз худ шод накардаем, аз вазъи наздиконамон огоҳ нестем, зиёрати мо ба талаботи ислом ҷавобгӯ наҳоҳад буд".

Мақсад аз суханронии самимии Пешвои миллат ва ташкил намудани чунин воҳӯрӣ он аст, ки ҳар сокини мамлакат бояд дар руҳияи худшиносӣ, худогоҳӣ, ватандӯстӣ, меҳанпарастӣ ва шукргузорӣ аз давлати ободу соҳибистиқлол тарбия ёфта, дар самти ҳифзи арзишҳои Истиқлоли давлатӣ, манфиатҳои миллӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ саҳми арзишманд гузорад.

# ВОХӮРӢ БО НАМОЯНДАГОНИ ДИН



**Меҳрубон КАБИРОВ**
донишҷӯи соли 2

Мулоқоти охирини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини мамлакат, ки 9 марти имсол дар "Кохи Ваҳдат"-и шаҳри Душанбе баргузор гардид, дар саросари ҷумҳурӣ аз ҷониби қишрҳои гуногуни аҳолӣ, хусусан аҳли зиё ва дин бо таваҷҷуҳу самимият ва боварию садоқат пазироӣ гардид. Дар ҳақиқат ин воҳӯрӣ аз мулоқоти Роҳбари давлат бо аҳолӣ дида, бештар ба суҳбати самимии бародарон, падару фарзандон ва наздиктарин шахсон шабоҳат дошт.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар воҳӯрӣ бо мурочиат ба аҳли мамлакат падарона ҳамаро насиҳат намудаву ба ҳар яки мо фарқ намудани сиёҳу сафед ва хубу бадро фаҳмонданд. Самимияти нисбат ба ҳамаи қишрҳои аҳолии мамлакат, муҳаббат ба хурду бузурги он, боварӣ ба фардои дурахшони Тоҷикистони азиз, садоқат ба мардуми шарифи мамлакат ва вафодорӣ ба гузаштаву ояндаи он дар ҳар каломи Пешвои муаззами миллат баръало таъкид гардида, бори дигар намунаи олитарини ватандӯстиву ватандорӣ ва инсонпарвариро нишон собит намуданд.

Дар мулоқоти Сарвари давлат ҳамаи паҳлуҳои маънавию фарҳангӣ, диниву ахлоқӣ ва маданиии мамлакат баррасӣ гардида, мушкилоти ҷойдошта ва роҳҳои ҳалли онҳо ба таври кушод баён гардид.

Зимни суханронӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз арзиши олии давлатӣ ва миллӣ будани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдоварӣ намуда, таъкид доштанд, ки маҳз Истиқлоли давлатӣ ба мо, тоҷикон шароит фароҳам овард, то ба асли худ баргардем. Маҳз ба шарофати мустақилии сиёсӣ, нообастагӣ аз мамлакатҳои хориҷӣ ва ташаккули додани низоми куллан миллии давлатдорӣ имрӯз Тоҷикистон ба мамлакате табдил ёфтааст, ки дар он арзишҳои динӣ бо эҳтиром аз ҷониби ҳамаи қишрҳои аҳолӣ пазируфта шуда, барои таъмини бобарии ичтимоӣ дар парастиши дину мазҳабҳо озодии куллӣ дода шудааст. Дар баробари ин ба шарофати сулҳу Ваҳдати миллӣ ва Истиқлоли давлатӣ тоҷикон таърихи тамаддуни куҳанбунёдашонро эҳё намуда, пайи омӯзиши асарҳои фарҳангиву маърифатии гузаштагон шуданд ва имрӯз аз ин мероси гаронбаҳои маънавии тоҷикон тамоми ҷаҳон истифода мебарад.



Одилбек МАВЛОНАЗАРОВ
мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ
ва тиҷорат

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ КОРМАНДОНИ ХОНАГӢ ВА ХОНАКОРОН

*Командони хонагӣ ва хонакорон аз зумраи кормандоне мебошанд, ки корашон дорои шароитҳои хос буда, танзими махсуси ҳуқуқиро тақозо мекунад. Ба танзими ҳуқуқии кору фаъолияти кормандони хонагӣ ва хонакорон дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ду боби алоҳида бахшида шудааст. Мафҳуми корманди хонагӣ дар қисми 33 моддаи 1-ум ва қисми 1- уми моддаи 247 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки мувофиқи он, корманди хонагӣ гуфта шахсеро меноманд, ки корро (хизматро) дар хоҷагии корфармо шахси воқеӣ иҷро мекнад. Мутобиқи моддаи 304 Кодекси меҳнатии Беларус кормандони хонагӣ шахсоне дониста мешаванд, ки бо корфармо барои иҷрои кор бо меҳнати шахсӣ дар хона бо истифода аз мавод, таҷҳизот, асбобҳо, механизмҳо, дастгоҳҳои худӣ ё аз ҷониби корфармо ҷудошуда ё аз ҳисоби корфармо харидашуда бо меҳнати шахсӣ шартномаи меҳнатӣ бастаанд.*

Ба қатори шахсоне, ки корро (хизматро) тибқи шартномаи меҳнатӣ дар хоҷагии корфармо иҷро мекунанд, ошпаз, боғбон, мураббии варзиш, доя ва ғайра дохил мешаванд. Ҳадафи фаъолияти кории кормандони хонагӣ дастёрӣ дар қонеъ намудани эҳтиёҷоти шахсӣ ва хоҷагии корфармо-шахси воқеӣ мебошад. Агар меҳнати корманди кироя барои корфармо-шахси воқеӣ фоида (даромад) меоварда бошад, он гоҳ чунин корманди кироя, корманди хонагӣ маҳсуб намеёбад. Агар корфармо-шахси воқеӣ дигар шахсони воқеиро ба мақсади ба даст овардани фоида ба кор қабул намояд, дар он сурат ӯ бояд ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шуда бошад.

Фаъолияти меҳнатии корманди хонагӣ бо ду роҳ собит мегардад. Якум, агар корфармо-шахси ҳуқуқӣ соҳибкори инфиродӣ набошад, дар он сурат ба сифати ҳуҷҷати собиткунандаи фаъолияти меҳнатии корманди хонагӣ, шартномаи меҳнатии дар шакли хаттӣ байни онҳо басташуда, хизмат мекунад. Барои он ки шартномаи меҳнатии дар шакли хаттӣ басташудаи байни корманди хонагӣ ва корфармо-шахси воқеии соҳибкори инфиродӣ набуда, ҳамчун ҳуҷҷати тасдиққунандаи фаъолияти меҳнатии корманди хонагӣ ҳисобида шавад, он бояд дар мақомоти дахлдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шавад. Дар акси ҳол, масъалаи ба собиқаи меҳнатӣ дохил намудани давраи кори чунин корманд дар хоҷагии корфармо-шахси воқеии соҳибкори инфиродӣ набуда, мушкил мегардад. Дуюм, агар корфармо-шахси воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ бошад, он гоҳ фаъолияти меҳнатии шахсе, ки дар хоҷагии ӯ кор мекунад, бо дафтарчаи меҳнатӣ собит мегардад, ки онро маҳз корфармо-шахси воқеии ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифташуда, бо тартиб ва шартҳое, ки санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд, барои ҳар як корманд, пур мекунад.

Шартномаи меҳнатӣ дар байни корманди хонагӣ ва корфармо-шахси воқеӣ, новобаста аз соҳибкори инфиродӣ будан ё набудани ӯ, дар шакли хаттӣ баста мешавад. Агар корфармо-шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта нашуда бошад, онгоҳ шартнома бояд дар се нусха баста шавад: нусхаи якум ба корфармо-шахси воқеии соҳибкори инфиродӣ набуда, нусхаи дуюм ба корманди хонагӣ ва нусхаи сеюм ба мақомоти дахлдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ки шартномаро ба қайд мегирад, супурда мешавад. Бо созиши байни корфармо-шахси воқеии соҳибкори инфиродӣ набуда ва корманд, шартнома чӣ ба мӯҳлати номуайян ва чӣ ба мӯҳлати муайян баста шуданаш мумкин аст.

Мазмуни шартномаи меҳнатиро тарафҳои он муайян мекунанд. Дар шартномаи меҳнатӣ, функсияи меҳнатии корманди хонагӣ (номи вазифаи ӯ, касб, тахассус, дараҷаи тахассус) муайян карда мешавад. Дар ҳар сурат, корманд набояд кори тибқи қонун манъшударо иҷро намояд.

Корфармо-шахси воқеӣ, ба мисли дигар корфармоён ӯҳдадор аст, ки ҳаққи суғуртаро пардохт намояд, дигар пардохтҳои умумиҳатмиро анҷом диҳад, барои шахсони бори аввал ба кор дохилшаванда шаҳодатномаҳои суғуртавии суғуртаи нафақаи давлатиро ба расмият дарорад. Яке аз хусусиятҳои хоси реҷаи вақти кор ва вақти истироҳати кормандони хонагӣ чунин аст, ки он дар асоси мувофиқаи тарафҳо муайян шуда, дар шартномаи меҳнатии байни корфармо ва корманди хонагӣ басташуда, инъикос меёбад. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тақозо менамоянд, ки зимни муайян намудани реҷаи кор ва реҷаи дамгирӣ, тарафҳо набояд аз ҳадди меъёри вақти кории муқаррарнамудаи қонун гузаранд ва давомнокии умумиҳатмии рухсатии ҳарсолаи меҳнатиро кӯтоҳ намоянд. Татбиқ ва бекор кардани муҷозоти интизомӣ нисбати кормандони хонагӣ низ баъзе хусусиятҳои фарққунандаро дорад. Моддаи 250 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ду тарзи ҳалли баҳсҳои меҳнатии инфиродӣ байни корманди хонагӣ ва корфармо-шахси воқеӣ ба вуҷуд меомадаро пешбинӣ намудааст: якум, тарзи ғайриюрисдиксионӣ ва дуюм, тарзи судии ҳалли чунин баҳсҳо. Корманди хонагӣ ва корфармо-шахси воқеӣ ҳуқуқ доранд, ки тарзи ҳалли баҳсҳои меҳнатии фардии байни онҳо рӯй додаро мустақилона интихоб намоянд, яъне онҳо метавонанд бо созиши худ чунин баҳсҳоро ҳалу фасл намоянд ё ҷиҳати ҳаллу фасли онҳо дар мӯҳлатҳои барои тамоми кормандону корфармоён муқаррарнамудаи Кодекси мазкур, ба суд муроҷиат намоянд.

Зимни татбиқ намудани моддаи мазкур як қатор ҳолатҳоро ба эътибор бояд гирифт. Якум, азбаски ба ӯҳдаи корфармо-шахси воқеии соҳибкори инфиродӣ набуда, дар мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба қайд гирифтани шартномаи меҳнатии бо корманди хонагӣ бастаи ӯ гузошта шудааст, аз ин рӯ, корфармо-шахси воқеии соҳибкори инфиродӣ набуда муваззаф аст, ки воқеияти қатъ шудани чунин шартномаи меҳнатиро низ дар ҳамон мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ба қайд гирад. Дуюм, агар асоси қатъ шудани шартномаи меҳнатии бо корманди хонагӣ басташуда, фавти корфармо-шахси воқеии соҳибкори инфиродӣ набуда, аз тарафи суд фавтида эълон намудан ё бедарак ғоибшуда эътироф шудани ӯ гашта бошанд, корманди хонагӣ метавонад ба мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ки шартномаи меҳнатиро ба қайд гирифта буд, дар хусуси ба қайд гирифтани воқеияти қатъ шудани шартномаи меҳнатӣ, муроҷиат намояд.



Корманди хонакор гуфта, чунин шахси воқеиро меноманд, ки якум, тибқи шартномаи меҳнатӣ бо корфармо дар муносибатҳои меҳнатӣ қарор дорад, дуюм, корро бо меҳнати шахсӣ дар хона иҷро мекунад, сеюм, зимни иҷрои кор аз мавод, таҷҳизот, олот ва асбобҳои худ ё аз мавод ва олоту воситаҳое, ки корфармо барои ӯ ҷудо ё харидорӣ намудааст, истифода мебарад. Агар корманд дар ҷараёни кор аз таҷҳизот, олот ва асбобу анҷоми худ истифода намояд, корфармо ӯҳдадор аст, ки арзиши истифодаи онҳоро ба корманди хонакор ҷуброн намояд. Корфармо, инчунин ӯҳдадор аст, ки дигар масрафҳои ба иҷрои кори корманди хонакор алоқамандро ҷуброн намояд (масалан, маблағҳои барои истифодаи неруи барқ, гармӣ, тармиму таъмири таҷҳизот, олоту воситаҳои корӣ ва ғайра. Қисми 2 моддаи 252 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудани хонакориро чӣ ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ ва чӣ дар давраи амали он имконпазир медонад. Дар мавриди дуюм, бояд дар шартномаи меҳнатӣ дар хусуси муқаррар намудани иҷрои хонакорӣ, тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шаванд. Ба ҳайси корманди хонакор шахсоне ба кор қабул карда мешаванд, ки агар иҷрои чунин кор ба саломатии онҳо таъсири манфӣ нарасонад. Корманди хонакор бояд бо тамоми шароитҳои бехатар ва солими корӣ таъмин бошад, ки ин аз ҳар лиҳоз, ба шароитҳои созгори манзилӣ-маишии ӯ вобаста аст. Аз ин рӯ, ба ҳайси корманди хонакор танҳо шахсонеро қабул кардан мумкин аст, ки шароити созгори манзилӣ-маишӣ доранд. Шароити маишӣ-манзилии шахсонеро, ки хоҳишманди корманди хонакор буданро доранд, корфармо бо иштироки намояндагони мақомоти дахлдори интихобии иттифоқи касабаи ташкилот ва агар зарурат бошад, бо иштироки намояндагони мақомоти назорати санитарӣ-беҳдоштӣ ва зидди сухтор, месанҷад.

Дар шартномаи меҳнатии байни корманди хонакор ва корфармо басташуда, бояд чунин шартҳо муайян шаванд: а) тартиб ва мӯҳлати бо тамоми маводҳо, ашёи хом, таҷҳизот, олоту асбобҳои барои иҷрои кор зарурӣ таъмин намудани корманди хонакор; б) тартиб ва мӯҳлатҳои ҳисоббаробаркунӣ барои молу маҳсулоти истеҳсолнамудаи корманди хонакор; в) тартиб ва мӯҳлатҳои пардохти арзиши маводу масолеҳи ба корманд тааллуқдошта, ки дар ҷараёни кор истифода шудаанд; г) тартиб ва мӯҳлати аз корманди хонакор қабул намудани молу маҳсулоти истеҳсолнамудаи ӯ.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат нисбати кормандони хонакор бо дарназардошти хусусиятҳои тибқи Кодекси меҳнат муқарраршуда, татбиқ мешавад. Аз ин рӯ, зимни дар шартномаи меҳнатии бо корманди хонакор басташаванда муайян намудани меъёри вақти кор, истироҳат, набояд аз ҳадди меъёрҳои дар Кодекси меҳнат муайяншуда баромад, яъне меъёри вақти кор аз ҳадди муайяннамудаи Кодекси меҳнати набояд зиёд, давомнокии вақти истироҳат бошад, аз давомнокии тибқи Кодекси меҳнат муқарраршуда, камтар бошад. Музди меҳнати кормандони хонакор корбайъ ё вақтбайъ буда метавонад, лекин дар ҳар сурат аз ҳадди ақали муайяннамудаи қонун набояд камтар бошад.




Рухсора МИРБОБОЕВА
дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат

*По степени известности товарные знаки подразделяются на обычные и общеизвестные. В качестве обычных товарных знаков признаются любые обозначения, зарегистрированные в установленном порядке.*

*Общеизвестные товарные знаки, в отличие от обычных, пользуются высокой степенью известности у широкого круга потребителей товаров, что предопределяет наличие специальных условий их охраны. В статье 23 Закона РТ о товарных знаках под общеизвестностью товарного знака понимается степень известности обозначения, служащего для индивидуализации товаров, кругу их действительных или потенциальных потребителей.*

# ПРАВОВАЯ ОХРАНА ОБЩЕИЗВЕСТНЫХ ТОВАРНЫХ ЗНАКОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В соответствии со статьей 6bis Парижской конвенции правовая охрана может возникнуть и без специальной регистрации, предусмотренной национальным законодательством. Однако такая возможность имеется у лица в отношении специальной категории товарных знаков – общеизвестных товарных знаков.

Несмотря на то, что регистрация общеизвестных товарных знаков для предоставления им правовой охраны не требуется, тем не менее, необходимо, чтобы за товарным знаком был признан статус общеизвестного знака. Так, например, в России предусматриваются специальные условие охраны общеизвестных товарных знаков, которые базируется на правилах международных соглашений. Для того, чтобы Роспатент официально признал товарный знак общеизвестным, владелец марки должен предоставить доказательства этой известности. Они могут включать историю товарного знака, географию его использования, объемы реализации, положение на рынке, затраты на рекламу, опросы потребителей, проведенные независимым исследовательских агентством.

Сегодня Роспатент считает общеизвестным товарный знак, который знают 70-80% жителей 13 крупных городов России. В списке российских компаний, зарегистрировавших товарный знак своей продукции в качестве общеизвестного числятся: «Известия», «Газпром», «Лукойл», «КамАЗ», «Из рук в руки» и другие. Среди иностранных производителей в списке Роспатента значатся только четыре компании: Coca-cola, Intel, Tiffany и Nestle (последняя пошла дальше других и зарегистрировала как общеизвестные все основные бренды – Nestle, Nescofe, Maggi).

В Республике Таджикистан, в соответствии со статьей 6 bis Парижской конвенции лишь национальный компетентный орган может признать тот или иной товарный знак общеизвестным. Так, в соответвии с Правилами признания товарного знака общеизвестным в Республике Таджикистан, утверждёнными распоряжением Министра экономического развития и торговли Республики Таджикистан № 15 от 10 июля 2007 года, решение о признании товарного знака общеизвестным в Республике Таджикистан принимается Апелляционным советом Национального патентно-информационного центра по результатам рассмотрения заявления владельца товарного знака, считающего свой знак общеизвестным, или его представителя, имеющего соответствующие полномочия (п.п. 3.4. Правил). При этом по заявлению заинтересованных лиц общеизвестным может быть признан товарный знак, охраняемый на территории Республики Таджикистан на основании государственной регистрации, либо товарный знак, охраняемый на территории Республики Таджикистан без регистрации в силу международно-правовых договоров, признанных Республикой Таджикистан, а также обозначение, используемое в качестве товарного знака, но не имеющее правовой охраны на территории Республики Таджикистан (п. 1 Правил).




Нетрудно заметить, что в Республике Таджикистан установлен досудебный порядок признания товарного знака общеизвестным.

Представляется, что таким случаем, может быть только лишь отказ патентного органа (применительно к Республике Таджикистан – Апелляционного совета Национального патентно-информационного центра Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан) в удовлетворении заявления правообладателя о признании его товарного знака общеизвестным, а органом, правомочным в этом случае решить вопрос о признании товарного знака общеизвестным, может быть только экономический (арбитражный) суд, тем более, что в соответствии с п. 17 главы 4 Правил признания товарного знака общеизвестным в Республике Таджикистан, отрицательное решение Апелляционного совета может быть обжаловано только в суде.

Не менее дискуссионным является также вопрос о критериях (основаниях), применяемых для признания товарного знака общеизвестным.

Законодательные акты о товарных знаках, в том числе Закон РТ «О товарных знаках и знаках обслуживания» (ст. 23), в качестве критерия для признания товарного знака общеизвестным признает интенсивное его использование. Правда, в п.1 Правил признания товарного знака общеизвестным указаны и другие обстоятельства, на основании которых можно сделать вывод об общеизвестности товарного знака:

а) степень известности или признания товарного знака в соответствующем (их) секторе (ах) общества в Республике Таджикистан, в частности, об узнаваемости товарного знака фактическими и/или потенциальными потребителями соответствующего товара и/или услуги;

б) продолжительность и регион использования товарного знака на территории Республики Таджикистан. При этом могут быть указаны: дата начала использования товарного знака, перечень населенных пунктов, где производилась реализация товаров и/или предоставление услуг, в отношении которых осуществлялось использование товарного знака; объем реализации этих товаров или предоставления услуг; способы использования товарного знака; среднегодовое количество потребителей товаров и/или услуг; положение изготовителя на рынке в определенном секторе экономики и т.д.;

в) продолжительность, интенсивность и регион осуществления любой деятельности по продвижению товарного знака, включая рекламу или показ на ярмарках или выставках товаров и/или услуг, к которым применяется этот знак;

г) продолжительность и количество регистраций товарного знака в зарубежных странах и/или количестве заявок на регистрацию соответствующего товарного знака в зарубежных странах в той степени, в какой эти сведения отражают использование или признание этого знака;

д) признание в зарубежных странах, в том числе в стране происхождения товарного знака или в стране владельца товарного знака, общеизвестным;

е) оценочная стоимость (ценность) товарного знака в соответствии с данными, содержащимися в финансовых отчетах;

ж) результаты опроса потребителей товаров и/или услуг по вопросу общеизвестности соответствующего товарного знака, проведенного специализированной независимой организацией с обязательным отражением ответов на вопросы, содержащиеся в опросном листе потребителей.

Полагаем, что при решении вопроса об общеизвестности товарного знака следует исходить как из объективных, так и субъективных показателей, как - то: длительность и интенсивность использования товарного знака, его коммерческая распространенность, частота упоминания о товарном знаке в СМИ, опрос потребителей товаров и/или услуг по вопросу общеизвестности соответствующего товарного знака, проведенный специализированной независимой организацией с обязательным отражением ответов на вопросы, содержащиеся в опросном листе потребителей и т.д.

# НАВГОНИҲО ДАР ТАҲРИРИ НАВИ КОДЕКСИ ФАЗОИ ҲАВОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Бо баробари рушди ҷомеа, инкишофу мураккаб гардидани муносибатҳои ҷамъиятӣ, пайдо шудани институт ва истилоҳҳои нави соҳавӣ, ташаккули забони ҳуқуқӣ ва дигаргун шудани талаботҳои ҷомеа зарурати такмили қонунгузорӣ низ ба миён меояд. Бинобар сабабҳои зикршуда ва бо мақсади дуруст ва пурра танзим намудани муносибатҳо вобаста ба истифодаи фазои ҳавоӣ ва рушди соҳаи авиатсия дар Тоҷикистон Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 13 ноябри соли 2023, таҳти №1999 дар таҳрири нав қабул гардида буд.*



**Фазлиддин ШАРИФЗОДА**
**мудири кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ**



**Шохрух ЗАБИРОВ**
**магистри курси 2**

Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998, №720 бинобар сабабҳои номбаргардида наметавонист дигар дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба таври бояду шояд нақш гузорад.

Аз ин рӯ, Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди гузашти 25 сол санаи 13 ноябри соли 2023, таҳти №1999 дар таҳрири нав қабул гардид. Кодекси нави амалкунандаи фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон саршор аз меъёрҳои нав ва навгониҳо мебошад.

Номи моддаи 1 Кодекси нави фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "Истиқлолияти фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба "Соҳибихтиёрӣ нисбат ба фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон" табдил шудааст, ки мутобиқи он Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибихтиёрии комил ва истисноиро нисбат ба фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон доро мебошад. Ҳамчунин дар моддаи 3 шарҳи мафҳумҳои асосии соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ, аниқтараш истилоҳҳои авиатсиониро пешбинӣ кардааст, ки дар кодекси қаблии соли 1998 ин гуна тафсири истилоҳҳо ҷой надошт. Мафҳумҳои асосӣ оғоз аз шарҳи истилоҳи аэродром то шарҳи истилоҳи худи фазои ҳавоӣ ва хизматрасониҳои ҳаракати ҳавоӣ дар умум шарҳи 48 мафҳумро дар бар гирифтааст.

Дар моддаи 6, ки "Танзими давлатии истифодаи фазои ҳавоӣ" ном дорад, шумораи мақомоти танзимкунандаи соҳаи истифодаи фазои ҳавоӣ нисбат ба кодекси қаблӣ аз ду ба се адад зиёд гардидааст, яъне ба ғайр аз мақоми ваколатдори соҳаи авиатсияи давлатӣ ва гражданӣ, комиссияи байниидоравӣ оид ба истифодаи фазои ҳавоӣ, ки танзими умумии фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба истифодаи фазои ҳавоиро ба амал мебарорад, пешбинӣ намудааст.

Ҳамчунин дар моддаҳои 7, 8 ва 9 Кодекси нави амалкунанда салоҳиятҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи авиатсияи давлатӣ ва гражданӣ ба таври мушаххас пешбинӣ гардидаанд.

Дар Кодекси нави фазои ҳавоӣ боби 3-юм ба масъалаи таъмини бехатарии парвозҳо бахшида шудааст, ки сарчашмаи худро аз Барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бехатарии парвозҳо, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мегирад.

Дар моддаи 15 принсипҳои асосии истифодаи фазои ҳавоиро бо шумори 11 принсип пешбинӣ намудааст, ки аз ҷумлаи принсипҳои аҳаммияти фазои ҳавоӣ ҳамчун асоси ҳаёт ва фаъолияти инсон; муносибат ба истифодаи фазои ҳавоӣ ҳамчун объекти моликияти давлатӣ, истифодаи мақсаднокии фазои ҳавоӣ барои эҳтиёҷоти давлат ва аҳолӣ, коҳиш додан ва пешгирӣ намудани ифлосшавии фазои ҳавоӣ, иштироки тарафҳои манфиатдор дар омода ва қабул намудани қарорҳо оид ба истифодаи захираҳои фазои ҳавоӣ, дастрасии баробари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба ҳуқуқи истифодаи фазои ҳавоӣ, истифодаи оқилона ва самараноки фазои ҳавоӣ; ҳифзи фазои ҳавоӣ, роҳ надодан ба таъсири аз меъёр зиёд ба муҳити зист ҳангоми истифодаи фазои ҳавоӣ ва ҷуброни хароҷоти зарари расонидашуда ба ҳолати фазои ҳавоиро дар бар мегирад.

Дар моддаҳои 22-26 намудҳои пешниҳоди хизматрасониҳои аэронавигатсионӣ барои ҳамаи истифодабарандагони фазои ҳавоӣ ҷой дода шудаанд.

Кодекси амалкунандаи фазои ҳавоӣ намудҳои авиатсияро ба 3 намуд: авиатсияи давлатӣ, гражданӣ ва таҷрибавӣ тақсим намудааст, ки кодекси қаблӣ авиатсияи таҷрибавиро пешбинӣ накарда буд. Авиатсияи таҷрибавӣ авиатсияе, ки барои гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-конструкторӣ, озмоишӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, инчунин озмоиши техникаи авиатсионӣ ва таҷҳизоти дигар истифода мешавад.

Моддаи 49-и Кодекси амалкунандаи фазои ҳавоӣ нисбат ба кодекси қаблӣ номгӯи ҳуҷҷатҳои киштии ҳавоиро фароҳтар номбар кардааст, ки ҳангоми иҷрои парвозҳо бояд дар дохили киштии ҳавоии гражданӣ мавҷуд бошанд. Шумораи чунин ҳуҷҷатҳоро 10 адад муқаррар намудааст, ки ҳуҷҷатҳои ба монанди шаҳодатнома (сертификат) оид ба сатҳи садо, иҷозат барои таҷҳизоти радиои дохилӣ ва полисҳо (сертификатҳои) суғуртавӣ (нусхаҳо) дар қатори ҳуҷҷатҳо дар кодекси қаблӣ пешбинӣ нагардида буданд.

Дар Кодекси нави амалкунанда боби нави алоҳида ба мутахассисони авиатсионӣ бахшида шудааст, ки чунин боб дар кодекси қаблӣ мавҷуд набуд. Дар кодекси соли 1998 боби дигар бо номи хайати ҳавопаймоҳо мавҷуд буд. Баъзе меъёрҳои боби 9 Кодекси фазои ҳавоии соли 1998, ки корхонаҳои авиатсионӣ ном дошт, дар Кодекси нави фазои ҳавоӣ дар боби 5 муқаррар шудаанд.

Дар Кодекси нави амалкунанда ба масъалаи низоми иҷозатдиҳӣ дар соҳаи авиатсия боби алоҳида бахшида шудааст, ки аз сертификатсия дар соҳаи авиатсия то бекор ё маҳдуд намудани амали шаҳодатнома (сертификат) ва назорати мутобикати дорандагони шаҳодатнома (сертификатҳо)-ро дар бар мегирад.

Боби 13 кодекси қаблӣ, ки "Ҷустуҷӯ ва наҷотдиҳӣ" ном дошт, дар кодекси амалкунанда ба боби 11 "Расонидани кӯмак ба киштиҳои ҳавоии ба фалокат дучоршаванда ё дучоршуда" мубаддал гардид.

Боби 15 Кодекси фазои ҳавоии соли 1998, ки "Ҳамлу нақли ҳавоӣ" ном дошт дар Кодекси нави амалкунандаи соли 2023 ба боби 13 табдил ёфта, номи "Интиқоли ҳавоӣ"-ро гирифт.

Моддаи 93 Кодекси нави фазои ҳавоӣ дар умум ба шартномаи интиқоли ҳавоӣ бахшида шудааст, ки шартномаи интиқоли фармоишӣ ва ҳамлу нақли мусофирон, бағоҷ, бор ва муросилотро дар бар мегирад. Вале дар кодекси аз эътибор соқитшуда ба шартномаи чартер моддаи алоҳида, моддаи 97 "Шартномаи кирояи ҳавопаймо (чартери ҳавоӣ)" бахшида шуда буд. Дар кодекси нави амалкунанда моддаҳои умумӣ ба масъалаҳо вобаста ба шартномаҳои интиқоли ҳавоӣ ҷой дорад, ки намудҳои дигар шартномаҳо, аз ҷумла шартномаи чартер (интиқоли фармоишӣ)-ро низ дар бар мегирад.

Дар моддаҳои 94 ва 95 Кодекси фазои ҳавоии амалкунанда назар ба кодекси қаблӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои мусофирон ва интиқолдиҳанда васеътар пешбинӣ гардидаанд.

Дар кодекси қаблӣ ба масъалаи корҳои авиатсионӣ боби алоҳида бахшида шуда буд, аммо дар кодекси амалкунанда ба ин масъала як модда, моддаи 101 муқаррар гардидааст.

Навгонии дигаре, ки дар Кодекси фазои ҳавоии амалкунанда дида мешавад, он аст, ки дар моддаи 109 "Оғози ҷараёни мӯҳлати даъво" интиқолдиҳанда уҳдадор аст дар муддати 15 рӯзи пас аз санаи воридшавии иддао онро баррасӣ намуда, ба боринтиқолдиҳанда ё борқабулкунанда дар бораи қонеъ гардондан ё рад кардани иддао дар шакли хаттӣ хабар диҳад. Дар кодекси қаблии соли 1998 мӯҳлати 30 рӯзаи баррасии иддао пешбинӣ гардида буд.

Дар таҳлили мазкур тавонистем танҳо навгониҳои асосии Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 2023, №1999 дар тафовут аз кодекси қаблии аз эътибор соқитшуда баён намоем.

Хулоса, Кодекси амалкунандаи фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои ҷамъиятиеро ба танзим медарорад, ки ҳангоми истифодаи фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё дар рафти амалӣ намудани фаъолият дар соҳаи авиатсия ба вуҷуд меоянд.



# БАРГУЗОРИИ КОНФЕРЕНСИЯИ УМУМИДОНИШГОҲИИ ИЛМИВУ НАЗАРИЯВИИ ҲАЙАТИ УСТОДОНИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ БАХШИДА БА «30-ЮМИН СОЛГАРДИ ҚАБУЛИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶТ», «СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ЭЪЛОН ШУДАНИ СОЛИ 2024» ВА «БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ БАРОИ СОЛҲОИ 2020-2040»

































# АНДЕШАҲОИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТ ВОБАСТА БА ЭЪЛОН ГАРДИДАНИ СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

**Туразода Назрулло**
**донишҷӯи соли 3**



Мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ - фаъолияти ақлона ва доштани донишҳои ҳуқуқии инсон мебошад, ки дар шакли дониш, эътиқод, меъёрҳо ва муносибатҳои аз ҷониби ҷомеа қабулшуда ташаккул ёфтааст. Меъёрҳои конститутсионӣ ва инчунин риояи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”,”Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон”, моро водор месозад, ки дар самти риояи қонунҳои ҷории ҷумҳурӣ пешоҳанг бошем.

Маърифати ҳуқуқӣ - раванди мунтазам аст ва бо дигар шудани муносибати ҷамъиятӣ барномаҳои маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ дигаргун мешаванд. Масалан, маърифати ҳуқуқи занон, ҷавонон, маҳбусон аз ҳам фарқ мекунад. Яке аз унсурҳои маърифати ҳуқуқӣ риояи қонун ва сармашқи фаъолияти ҳаррӯзаи худ қарор додани меъёрҳои қонунгузории кишвар мебошад, ки ин боис мегардад, маданияти ҳуқуқии аҳолӣ ба натиҷаи дилхоҳ расад. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз вазифаҳои муҳимтарин ва аввалиндараҷаи кишварҳое мебошад, ки роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро интихоб намудаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қисми якуми моддаи 1-и Конститутсияи мамлакат давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон шудааст. Арзишҳои гуфташуда собит менамоянд, ки дар таърихи инсоният онҳо аз арзишҳо дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бехтар дониста мешаванд.

Бояд хотиррасон намуд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 2023 Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038 тасдиқ шуд, ки ин иқдоми навбатии Ҳукумати мамлакат дар самти рушди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Тавре дар паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ Пешвои муаззами миллат иброз доштанд: “Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиклол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мамлакат мебошад.”Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем.

**Муталибзода Анушервон**
**донишҷӯи соли 3**

Чи тавре ки ба ҳар яки мо маълум аст санаи 28.12.2023 дар паёми ҳар солаи худ сарвари давлат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2024 соли “Маърифати ҳуқуқӣ” эълон намудан ва санаи 30.12.2023 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эълон намудани соли 2024 соли “Маърифати ҳуқуқӣ ” имзо шуд. Маърифати ҳуқуқи гуфта мо донистани ҳуқуқҳои шахсии худ, Конститутсия, қонунҳои мамлакат, ва истифодаи дурусти онҳоро мефаҳмем. Дар замони муосир яке аз шартҳои асосии равнақи ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ин баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ махсуб мешавад, ки сарчашма мегирад аз тағйироти куллии дар ҳаёти рӯзмарра бавуҷудомада, арҷгузории муқаддасот, такмили қонунгузорӣ ва ҳамзамон бехтар намудани тафаккури шаҳрвандон. Эълон намудани соли 2024 соли “Маърифати ҳуқуқӣ” метавонад ҳалкунандаи қисме аз масъалаҳои мубрами мамлакат гардад. Аз ҷумла метавонад сатҳи ҷиноятро паст кунад барои коҳиш ёфтани коррупсия асос гардад. Ҳар як шаҳрванди кишвар хабардор аст ки мо имсол 30 солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷашн мегирем ва эълони соли маърифати ҳуқуқӣ махз ба ин муносибат бахшида шудааст. Аз ин рӯ шаҳрвандони кишварамонро мебояд барои омӯзиш Конститутсия ва қонунҳои мамлакат ва риояи онҳоталош намуда бахри баланд намудани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ хидмат намоянд.



**Шамсов Эмомалӣ**
**донишҷӯи соли 3**



Воқеан ҷомеае, ки ба инсонҳои бомаърифат ва тарбиятдида такя мекунад, аз шикасти ирода ва таназзул эмин буда, метавонад ба дастовардҳои бузурге мушарраф гардад. Маърифати баланди ҳуқуқӣ- ин риояи бошууронаи меъёрҳои қонун ва итоат ба қонунро дар назар дорад. Одамони дорои маърифати баланди ҳуқуқӣ бар зидди назари равандҳои ҷамъиятӣ нестанд, балки дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ фаъолона иштирок менамоянд. Метавонанд сахми босазои худро бахри нумӯъ ва пешрафти самтҳо ва соҳаҳои гуногун гузоранд. Мавҷудияти сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ як навъ гарави бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва ягона мебошад, ки дар он на танҳо ба арзишҳои ҳуқуқӣ, балки ба арзишҳои ахлоқӣ эҳтиром гузошта мешавад. Бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ ва саҳми калидии шаҳрвандони аз нигоҳи ҳуқуқӣ бомаърифат дар таъмини пешрафти давлатдории миллӣ бо иқдоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвари мо заминаи мукаммали ҳуқуқӣ-қонунӣ фароҳам омадааст. Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати мамлакат, барномаҳои вижаи давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ таҳия ва қабул гардидааст, ки метованд дарояндаи наздик яке яз роҳҳои асоси бахри баланд намудани маърифати ҳуқуқии ватанамон бошад.Зери таваҷҷуҳ ва назари доимии Пешвои миллат ба ин масъала зимни ироаи Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии мамлакат ки эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» ба ҳисоб меравад, Ин иқдоми Сарвари давлат аз ҷониби мардум бо самимият истиқбол шуд. Баланд будани ҳуқуқдонии аҳолӣ ин пеш аз ҳама ба манфиати худи онҳост ки метавонанд ҳуқуқу озодиҳои худро амали намуда ҳангоми поймол шуданашон ҳуқуқхоашонро ҳимоя мекунанд.

Дар охир мо ҷавононро мебояд дар партави ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат камари ҳиммат бандему бахри рушд ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳоли сахми худро гузорем то тавонем як ҷомеъаи маърифатдону ҳуқуқдонро ташкил намоем.

**Ҳамидзода Қурбоналӣ**
**донишҷӯи соли 3**

Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун дарбаргирандаи арзишҳои умумиинсонӣ ва миллӣ, сатҳи шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ ва фардӣ, қонуният, амалияи ҳуқуқи нишондиҳандаи маданияти ҳуқуқии ҷомеа мебошад. Моҳияти онро маҷмуи арзишҳое ташкил медиҳанд, ки дар ҷараёни фаъолияти инсон дар соҳаи ҳуқуқ ташаккул ёфтаанд.

Маърифати ҳуқуқӣ воситаи ягонаи ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ тавассути таъсиррасонӣ ба шуури ҳуқуқӣ махсуб мешавад, ки он дар навбати худ рафтори ҳуқуқии дилхоҳ фардро муайян менамояд. Маърифати ҳуқуқӣ ҳар миллат таърихан дар заминаи сатҳи рушди иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа ба вуҷуд омада, як навъи маърифати миллӣ махсуб меёбад ва он дар эҷод, интикол, ҳифзи арзишҳои ҳуқуқӣ инъикос мегардад.

Калимаи «маърифат» ҳамчун ақл, идрок, фаросат ва зиракӣ дар фарҳанги луғатномаи тоҷикӣ тавзеҳ дода шудааст. Маърифати ҳуқуқӣ воқеияти ҳуқуқиро дар шакли донишҳои ҳуқуқӣ ва муносибатҳои баҳодиҳӣ ба қонун ва татбиқи он муносибатҳо ва меъёрҳои иҷтимоию ҳуқуқӣ ва рафтори одамонро дар муносибатҳои ҳуқуқӣ танзим мекунад. Дар ҳар давру замон масъалаҳои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, ташаккули фарҳанги олии ҳуқуқӣ, мубориза бар зидди инкоркунии ҳуқуқӣ, рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкими принсипҳои волояти қонун дар дилхоҳ давлати олам ҳамеша аҳамияти аввалиндараҷа доштанд. Имрӯз ба шарофати суръати баланди дигаргунсозии иҷтимоӣ, печидатар шудани муносибатҳои геоиқтисодӣ, равандҳои афзояндаи иттилоотикунонӣ ва рақамикунони масоили маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ на танҳо муҳим боқӣ мондаанд, балки мазмуни нав касб менамоянд.

Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои миллӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волояти қонун, ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ



нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ, ташкил намудани механизми самаранокӣ ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ин асоси пешрафти давлати демократӣ буда, омили решакан шудани амалҳои корупсионӣ дар дохили давлат мегардад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ аз 26 апрели соли 2013 ҳифз ва таҳкими давлатдории миллиро ҳадафи якум ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолии мамлакат, бахусус наврасону ҷавононро ҳадафи дуюм ҳисобида буд.

Дар паёми имсолаи худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28 декабри соли 2023 соли 2024-ро соли «Маърифати ҳуқуқӣ» эълон кард. Ин дастури Пешвои миллат муҳим ва саривақтӣ мебошад, зеро рушди давлати ҳуқуқбунёд, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва устувории ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон маърифати ҳуқуқии баландро тақозо менамояд. Вуҷуд надоштани маърифати ҳуқуқӣ ва механизми баланд бардоштани он маънии пурра амалӣ нагардидани арзишу принсипҳои асосии ҳаёти ҷомеа, ба монанди волояти қонун, афзалияти инсон, ҳуқуқу озодиҳои он ва ба таъмини ҳифзи боэътимоди манфиатҳои умумро дорад.

# БУРҲОНУДДИН МАРҒЕЛОНӢ ВА АСАРИ ОЛАМШУМУЛИ ҲУҚУҚИИ Ӯ – «ҲИДОЯ»

*Бурҳонуддин Абул-Ҳасан Али ибн Абубакр ал-Марғелонӣ ар-Рошидонӣ, ки бештар бо номи Бурҳонуддин ал-Марғелонӣ машҳур буда, яке аз мутафаккирони асримиёнагии шохаи мовароуннаҳрии мактаби ҳуқуқии ҳанафия мебошад.*



**Фируз ШОЕВ**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ**

Бурҳонуддин Марғелонӣ – мутафаккир, файласуф, фақеҳ (ҳуқуқшинос), қонунгузор буда, ба ӯ барои хизматҳои шоёнаш дар пешбурд ва инкишофи шохаи мовароуннаҳрии мактаби ҳуқуқии ҳанафия дараҷаву рутбаҳои баланди илмиро додаанд.

Бурҳонуддин Марғелонӣ – мутафаккири барҷастаи шохаи мовароуннаҳрии мактаби ҳуқуқии ҳанафия соли 1117 дар Рошидони Фарғона, имрӯза Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд шуда, соли 1197 дар шаҳри Самарқанд, имрӯза Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз дунё гузаштааст.

Самти фаъолияти Бурҳонуддин Марғелонӣ фиқҳ (ҳуқуқ) буда, касбу фаъолияташ муҳадисӣ, фақеҳӣ (ҳуқуқшиносӣ), муаллифӣ (олимӣ), қозигӣ (судягӣ) мебошад.

Бурҳонуддин Марғелонӣ яке аз бузургтарин шахсиятҳои ҷаҳони илм ва маънавиёт буда, олим, мутафаккир ва фақеҳи (ҳуқуқшиноси) асримиёнагии Шарқ аст, ки аз худ осори гаронбаҳое боқӣ мондааст, ки то имрӯз аҳамияти худро нигоҳ дошта, барои наслҳои гузашта, имрӯза ва оянда хизмат намуда истодаанд. Танҳо як асари безаволи ӯ «Ҳидоя» тавонистааст обрую эҳтироми ӯро дар арсаи ҷаҳонӣ оламшумул намояд.

Бурҳонуддин Марғелонӣ олими ҳуқуқи мусулмонии асри XII буда, намояндаи шохаи мовароуннаҳрии мактаби ҳуқуқии ҳанафия мебошад. Бурҳонуддин Марғелонӣ дар баробари олими баруманди илми фиқҳ (ҳуқуқ) будан, инчунин вазифаи қозигиро (судягиро) иҷро мекард.

Мутафаккири барҷастаи мовароуннаҳрӣ Бурҳонуддин Марғелонӣ асарҳои зиёде навиштааст. Осори асосии ӯ чунин аст:

1. «Нашр ал-мазҳаб» («Паҳншавии мазҳаб»);
2. «Китоб ал-маносик ал-ҳаҷ» («Китоб дар бораи қоидаҳои баҷоовариии ҳаҷ»);
3. «Китоб ул-фароиз» («Китоб дар бораи ҳуқуқи мерос»);
4. «Китоб ат-таҷнис вал-мазид» («Китобе, ки ситоиши илмро мекунад»);
5. «Мухторот ул-навозил» («Маҷмуъ-ул-навозил» – «Китоб дар бораи чизҳое, ки Офаридгор нозил кардааст»);
6. «Китоб ул-машойих» («Китоб дар бораи шайхҳо»);
7. «Мазид фи-фуру-ул-ҳанафий» («Иловаҳо ба мактаби ҳанафия»);
8. «Шарҳ ал-Ҷомиъ ал-Кабир Мухаммад аш-Шайбони» («Тафсир ба китоби аш-Шайбони «Ал-Ҷомиъ ал-Кабир»»);
9. «Бидоятул - Мубтадиъ» («Муқаддима ба омӯзиши қонун»);
10. «Кифоятул - мунтаҳий» («Таҳсили хотимавӣ барои хатмкунандагон», шарҳи ҳашт ҷилда барои «Бидоятул-Мубтадиъ»);
11. «Ҳидоя» (шарҳи чор ҷилда ба китоби «Кифоятул-мунтаҳий»).

«Ҳидоя фи фуру ал-фиқҳ» – «Ҳидоя. Шарҳи ҳуқуқи мусулмонӣ» – асари заминавӣ буда, ба омӯзиши васеъи ҳуқуқи мусулмонӣ (шариат) бахшида шудааст.

«Ҳидоя» дар асри XII аз ҷониби фақеҳи-ҳуқуқшиноси машҳури оилаи ҳуқуқи мусулмонӣ, зодаи Мовароуннаҳр Бурҳонуддин Марғелонӣ навишта шудааст.

Дар «Ҳидоя» нуқтаи назари олимон-ҳуқуқшиносони мактаби ҳуқуқии ҳанафияи равияи суннии дини ислом шарҳ дода шудааст.

Дар он инчунин нуқтаи назари намояндагони дигар мазҳабҳои ҳуқуқи мусулмонӣ аз рӯи масъалаҳои гуногуни шариат оварда шудааст.

«Ҳидоя»-и Бурҳонуддин Марғелонӣ фарогири масъалаҳои ҳуқуқии зерин мебошад:

1. Дар «Ҳидоя» ба талаботҳои одату анъанаҳои мусулмонӣ равшани андохта шудааст.
2. Дар «Ҳидоя» меъёрҳои танзимкунандаи никоҳ ва оиладорӣ, меросӣ, молумулкӣ, молиявӣ ва дигар муносибатҳое, ки ба самти ҳуқуқи маданӣ мансубанд, мавриди омӯзиш ва шарҳ қарор дода шудаанд.
3. Дар «Ҳидоя» ҷанбаҳои ҳуқуқие, ки бо ҷиноят ва ҷазо алоқаманданд, кушода дода шудаанд.
4. Дар «Ҳидоя» хусусиятҳои мурофиавии баррасии парвандаҳо дар суд ба расмият дароварда шудааст.
5. Инчунин дар «Ҳидоя» ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҳуқуқии ҳамарӯзаи мусулмонон ва фаъолияти одамон баррасӣ гардидаанд.

«Ҳидоя»-и Бурҳонуддин Марғелонӣ асарест, ки то имрӯз омӯхта мешавад ва ба сифати воситаи асосии роҳбарикунанда дар мадрасаҳо ва донишгоҳҳои мусулмонии кишварҳои Шарқ хизмат менамояд, ки дар онҳо шариат, хусусан таълимоти мактаби ҳуқуқии ҳанафия ҳамчун пешина нуфузи худро нигоҳ медорад.

«Ҳидоя»-и Бурҳонуддин Марғелонӣ барои мутолиа, омӯзиш ва истифодабарӣ ба ҳуқуқшиносон, таърихшиносон, шарқшиносон, диншиносон, инчунин ба тамоми шахсоне, ки ба таърихи кишварҳои Шарқ ва ҳуқуқи мусулмонӣ шавқу ҳавас доранд, пешбинӣ карда шудааст.

**Бо мақсади муқовимат ба терроризм ва экстремизм ҷомеаи ҷаҳонӣ кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки сатҳи мукаммали муқовимат бо ин падидаи номатлуб аз ҷониби давлатҳо ба роҳ монда шавад. Дар ҷомеаи муосир терроризм ва экстремизм аз ҷиддитарин таҳдидҳо алайҳи субботу амнияти ҷаҳонист, аз ин рӯ, барои муқовимат ба ин падидаҳои манфӣ дар сатҳи миллӣ маҷмӯи тадбирҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ – динӣ андешида шудааст. Ҳамзамон, барои таъмини самаранокии механизмҳои муқовимат бо терроризм ва экстремизм дар кишвар заминаи ҳуқуқии муқовимат гузошта шудааст. Давлатҳои муосир кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки қонунгузории миллии худро дар самти муқовимат бо терроризм ва экстремизм боз ҳам мустаҳкам намоянд.**



**Сайёҳат ТОЛИБЗОДА**
**корманди суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе**

# ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МОҲИЯТ ВА РОҲҲОИ МУҚОВИМАТ БО ОН



Терроризм ва экстремизм дар шароити кунунӣ, ҷинояти дорои хусусияти ҷаҳонӣ буда, мубориза бар зидди он ҳамкории пайвастаи доимӣ ва мутақобилаи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқро тақозо менамояд. Гарчанде ки мубориза бо терроризм ва экстремизм вазифаи асосии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ бошад ҳам, дар ин ҷода дастгирии ҳаматарафаи ҷомеа ва шаҳрвандон низ зарур аст.

Терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ) дар микёси ҷаҳон ниҳоят рушд ёфта, хатари калони ҷамъиятӣ дорад ва барои бехатарии давлатҳо ва минтақаҳо воқеан таҳдидҳоро ба вуҷуд овардааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони солҳои истиқлолияти давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде қабул карда шудаанд, ки маҳз барои бартараф намудани сабабу омилҳои гуногуни ба терроризму экстремизм мусоидаткунанда равона гардиданд.

Содир намудани амалҳои террористӣ ва экстремистӣ аз ҷумлаи ҷиноятҳои вазнин ҳисобида шуда, яке аз воситаҳои асосии пешгирии ин падидаҳои номатлуби ҷомеа дар қонунгузории ҷиноятӣ мустаҳкам намудани ҷазои вазнин нисбати онҳо мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирии амалҳои террористӣ ва экстремистӣ дар сатҳи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани амалҳои террористӣ ва экстремистӣ пешбинӣ шудааст. Такмили пайвастаи қонунгузорӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои экстремизм ва терроризм, аз ҷумла сари вақт ҷиноят эътироф намудани шаклҳои нави зоҳиршавии онҳо, инчунин муқаррар намудани муҷозоти мувофиқ барои содир намудани онҳо зарур мебошад.

Татбиқи ҷазои ҷиноятӣ бо мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирии содир намудани ҷинояти нав амалӣ карда мешавад. Тарбия намудани шахс ҷиҳати иҷрои қонунгузории кишвар метавонад таҳдидҳои террористиву экстремистиро аз байн барад.

Таҳлили ҷараёни вазъи вобаста ба мубориза бар зидди терроризм ва дигар зуҳуроти экстремизм (ифротгароӣ) гувоҳӣ медиҳад, ки дар айни замон терроризми байналмилалӣ ба Тоҷикистон ва дар маҷмӯъ ба минтақа таҳдид менамояд ва он беш аз пеш хусусияти трансмиллӣ ва глобалӣ пайдо мекунад. Объектҳои таҷовузи террористи ходимони давлатӣ ва ҷамъиятӣ, намояндагони давлатҳои хориҷӣ, объектҳои таъиноти стратегӣ ва ҳаётан муҳим қарор мегирифтанд. Вақтҳои охир раванди устувори ба ҳам пайвастани терроризм бо шаклҳои мухталифи ҷиноятҳои трансмиллӣ: гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва ярок ҳамчун манбаи асосии маблағгузорӣ, дуздии одамон, зархаридӣ ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ ба мушоҳида мерасад.

Дар самти муқовимат бар зидди терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин як қаттор стратегияву консепсияҳо низ қабул шуданд. Аҳамияти санадҳои мазкур дар он ифода меёбад, ки агар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар боло номбаршуда асосҳои умумӣ, субъектҳо, принсипҳо, самтҳои фаъолияти муқовиматро пешбинӣ намоянд, стратегияву консепсияҳо бошанд, самтҳои алоҳида, омилҳо ва тамоюлҳои терроризм ва экстремизм, самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар ин самт, такмил додани заминаҳои ҳуқуқӣ ва ниҳодӣ, ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти муқовимат ба терроризм ва экстремизм ва чанде дигар тадбирҳои мушаххасро ҷиҳати самаранокии муқовимат ба терроризм ва экстремизм роҳандозӣ менамоянд.

Дар раванди муқовимат бо экстремизм ва терроризм иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ ва ҳар як аъзои ҷомеа самарабахш мебошад. Гузаронидани ташвиқоти васеъ оид ба таъсири харобовари экстремизм ва терроризм ба иқтисодиёту ҷомеа ва тағйирдиҳии ҷаҳонбинии аҳолӣ, тарбияи ҳисси таҳаммулнопазирӣ нисбат ба экстремизм ва терроризм яке аз воситаҳои муҳими муқовимат дар ин самт маҳсуб меёбад.

Бо мақсади пешгирии кирдорҳои террористӣ ва экстремистидошта, тибқи талаботи ҳуҷҷатҳои стратегӣ бояд самтҳои зеринро ҳамчун омили бартарафкунанда истифода намуд:

- пешгирӣ, ошкор намудан, бартарафсозӣ ва тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта (ифротгароӣ);
- мусоидат ҷиҳати ногузирии ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта (ифротгароӣ);
- муқовимат ба терроризм, дар ҳама гуна навъи нақлиёт, объектҳои ҳаётан муҳим, инфраструктураи хатарнок;
- муқовимат ба маблағгузории фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ (ифротгароӣ);
- пешгирии истифода ё таҳдиди истифодаи шабакаҳои маҳдуд ё глобалии компютерӣ бо мақсадҳои террористӣ (мубориза бар зидди кибертерроризм);
- такмили заминаи ҳуқуқии ҳамкориҳо дар мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ);
- муқовимат ба таблиғи терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ).

Ҳамзамон, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №265 Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ барои солҳои 2021-2030 қабул карда шуд. Тибқи муқаррароти умумии санади мазкур баланд бардоштани самаранокии тафтиш ва пешгирии ҷиноят дар шароити муосир аз мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ на танҳо равона намудани тамоми қувва ва имкониятҳоро дар мубориза бо ҷинояткорӣ, балки такмили сохтор ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таъмини муносибати бонизом ва маҷмӯи ҷиҳати пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, ҷустуҷӯи шакл ва тарзҳои нави ғайримуқаррарии таъсиррасонӣ ба ҷинояткориро талаб менамояд. Дар баробари ин Барномаи мазкур ҷиҳати муқовимат бо терроризм ва экстремизм мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ухдадор менамояд, ки бо мақомоти марбутаи давлатҳои дигар ҳамкориро таҳким бахшад.

Ҳамин тавр, қайд кардан бамаврид аст, ки яке аз хатарҳои террористиву эктремистӣ дар солҳои охир, ин содир намудани чунин амалҳо бо истифода аз фазои шабакаи умумиҷаҳонии Интернет маҳсуб меёбад. Муқовимат бо ин зуҳуроти номатлуб дар фазои интернет мушкилиҳои зиёдеро ба вуҷуд овардааст, махсусан содир шудани ҷиноятҳои кибернетикӣ. Аз ин лиҳоз ҷиҳати танзими ҳуқуқии масъалаи болозикр ва баҳри ошкор, пешгирӣ ва бартараф намудани ин зуҳурот бояд чораҳои зарурӣ андешида шавад.

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ҶАВОНОН ВА ҲИФЗИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

*Ҳифзи истиқлолият ва таҳкими давлатдорӣ, баробарии имконият ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, бунёди миллати зеҳнгаро ва рушди руҳияи миллӣ бояд таҳкурсии асосии ваҳдати миллӣ ва бунёди зиндагии ҳар яки мо гардад.*

*Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024, ки дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 28 декабри соли 2023 садо дод, албатта, иқдоми бамаврид ва илман асоснокшуда маҳсуб мешавад. Зеро ҳаёти инсон доим дар ҳолати такмил ёфтан қарор дорад ва вобаста ба ин талаботу ниёзи мардум ҳам пайваста тағйир меёбад.*



**Иқболшо УМАРОВ**
**мудири шуъбаи китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки «Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эътимоди давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми ҷумҳуриро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад.

Мафҳуми "Маърифати ҳуқуқӣ" дар назари аввал мураккаб буда, барои моҳият фаҳмиш он дар асл мушкилӣ надорад амалҳои ҳаррӯзаи ҳар шахс- шуруъ аз сокини муқаррарӣ то масъули сатҳи гуногуни роҳбариро дар доираи қоидаҳо, қонунҳо, инчунин риояи меъёрҳои умумибашарии қабулшуда талаб менамояд.

Бояд тазакур дод, ки тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон кори саҳлу осон нест, балки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ бомаърифатро наметавон дар як рӯз ё як солу панҷ сол тайёр намуд. Ин раванд дар ҳамбастагӣ бо оила, мактабу маориф ва иштироки фаъолонаи аҳли ҷомеа метавонад самари нек ба бор оварад.

Мо бояд дарк намоем, ки таъсир расонидан ба муҳити зист ин таъсиррасонӣ ба зиндагии шахс аст ва ин таъсир мутақобила мебошад. Як намунаи дигар барои дарки осони маърифати ҳуқуқӣ метавонад маърифати оиладорӣ бошад. Эҳтироми падару модар, тарбияи дурусти фарзанд, риояи тартибу интизом, дур будан аз амали бад, гуфтори зишту рафтори қабеҳ дар маърифати оиладории миллати тоҷик аз азал бо роҳи ирсӣ омада, муайян ва қабул шудааст. Ҳамчунин метавон аз маърифати исломӣ гуфт, ки тибқи он ҳар мусулмон рукнҳои динро ба ҷо меорад.

Имрӯзҳо барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷавонони Тоҷикистон ба сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушди маърифати ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон мо ниёз дорем, ки он қонунҳо, ҳадафҳо, самтҳои асосӣ ва мундариҷаи сиёсати давлатиро дар соҳаи маърифатии ҳуқуқӣ муайян мекунад. Мақсади асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушди маърифати ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ба ташаккули эҳтироми устувор дар ҷомеа нисбат ба қонунгузорӣ ва рафъи падидаи инкор намудани ҳуқуқ, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон, аз ҷумла сатҳи огоҳӣ ва саводнокии ҳуқуқӣ, таъсиси низоми ҳавасмандгардонии раванди риояи қонун ҳамчун модели асосии рафтори иҷтимоӣ, дар шуури ҷомеа ҷорӣ намудани идеяҳои софдилонаи вазифа ва риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ бояд нигаронида шаванд.

Маърифати ҳуқуқӣ воситаи ягонаи ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ тавассути таъсиррасонии фарҳанги ҳуқуқии ҳар миллат таърихан дар заминаи сатҳи рушди иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа ба вуҷуд омада, як навъи фарҳанги миллӣ маҳсуб меёбад ва он дар эҷод, интиқол, ҳифзи арзишҳои ҳуқуқӣ инъикос мегардад. Татбиқи фарҳанги ҳуқуқӣ аз ҷониби ҷомеа амалишавии асосҳои қонуният ва тартиботи ҳуқуқиро дар давлат таъмин менамояд.

Аз нуқтаи назари олимон, фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон бояд ҷанбаҳои асосии ҳуқуқро инъикос намояд ва шаклҳои вазъи ояндаи фарҳанги ҳуқуқро дар муҳити ҷавонон бояд ташаккул дод. Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон, чун маҳаки рушди давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Рушди Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ба рушди ниҳодҳои ҳуқуқии демократии тамаддуни муосир хидмат мекунад.

Дар айни замон, сиёсат қисми ҷудонопазири ҳаёт аст. На танҳо ба манфиатҳои калонсолон, одамони баркамол, балки ба ҷавонон низ таъсир мерасонад. Ба андешаи мо, аксар шаҳрвандони ҷавони кишвар нисбат ба одамони миёнасолу калон сол ба сиёсат ва масъалаҳои марбут ба ҳаёти сиёсӣ камтар таваҷҷӯҳ доранд. Дар ҳоле, ки зарур аст, ки ҷавонон сиёсати замони муосирро, ки бениҳоят дар ҳоли мураккаб аст, сарфаҳм раванд.

Дар замони муосир дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон дар шароити давлати ҳуқуқбунёд, масъалаи мубрам ин баландбардоштани дараҷаи умумии шуури ҳуқуқӣ ҷавонон, аз байн бурдани нобовари ҳуқуқӣ дар байни ҷавонон, омӯзиши масъалаҳои пасткунандаи фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон, ҳамчунин механизми баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии онҳо муҳим арзёби мешавад.

Имрӯз барои фароҳам овардани шароит ба таври пурра шомил кардани ҷавонон ба ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа калиди инкишофи бомуваффақияти сиёсати ҷавонони Тоҷикистон мебошад. Фарҳанги ҳуқуқӣ, ки мақсадҳои ҳадафманди маърифати ҳуқуқӣ мебошанд, бешубҳа, мавҷудияти маорифи ҳуқуқӣ ва низоми эътиқодҳоеро тақозо менамоянд, ки эътирофи ҳуқуқ, дарки ҳуқуқҳо, риояи талаботи он, доштани таҷрибаву малакаи татбиқи қонунгузориро пешбинӣ менамояд.

Аз ин лиҳоз, тамоми шаҳрвандони кишвари Тоҷикистон, хусусан олимон ва ходимони ҷавони пайравони Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои рушди "Соли маърифати ҳуқуқӣ" яъне соли 2024, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҳамаи қишрҳои гуногуни иҷтимоӣ, аз ҷумла ҷавонони ватандӯст бояд саҳми арзандаи худро гузоранд.

# РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГӢ

Имрӯзҳо аз ҷониби кули кишварҳои гуногуни ҷаҳон доир ба ҳифзи муҳити зист ва баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ тадбирҳо андешида мешавад. Масъалаи ба вуқӯъ омада яке аз масъалаҳои глобалии ҷаҳон дар замони муосир ба ҳисоб меравад ва ҳангоми беаҳамиятӣ зоҳир намудан дар пешгирии омилҳои ба он мусоидаткунанда таҳдидҳои гуногуни ҳаётӣ ба инсоният ва иқтисодиёти давлат ба бор меорад. Инсон дар раванди зиндагии худ эҳтиёҷ ба маводи хӯрока, об ва ҳавои аз ҷиҳати экологӣ тоза дорад. Таъмини эҳтиёҷоти болозикро танҳо инсон дар натиҷаи муносибати боақлона ва дурандешонаи худ бо табиат ба роҳ мондан ба даст оварда метавонад. Агар мо ба давлатҳои тараққикарда назар афканем ҳатто онҳо қисмати зиёди маводҳои хӯрокии ҳудро дар лабараторияҳо аз моддаҳои химиявӣ омода намуда ба истеъмол мебароранд, ки он ҳеҷгоҳ маводҳои табиӣ аз ҷиҳати экологӣ тозаро нахоҳанд гирифт ва боиси ба вуҷуд омадани бемориҳои гуногун мегарданд. Чун агар ин раванд пеш рафтан гирад инсоният аз маводҳои экологии тоза даст кашида ба маводҳои сунъӣ майл менамояд, ки ин яке аз проблемаҳои асосии на танҳо дохилии кишвар инчунин ҷаҳони мебошад. Дар натиҷаи мушоҳидаҳо маълум гашт, ки маводҳои гуногуни хӯроквории сунъӣ омодашуда ба дохили кишвар низ барои истеъмол ба роҳ монда шудаанд. Дар дохили кишвар маводҳои хӯроквории табиӣ ва аз ҷиҳати экологӣ тоза истеъмол карда мешавад. Пас мо бояд инро дарк намоем ва дар ин ҷода бетараф набошем, саломатии худ, наздикон ва ҳамватанони худро ҳимоя намудан саҳм гузор бошем ва ба онҳо фаҳмондадиҳиҳо намоем.

Айни ҳол кишвари мо аз лиҳози захираҳои обӣ дар дунё ҷои 11 – ум, аз рӯи таъмин намудани аҳолӣ бо оби нӯшоки ва захираҳои гидроэнергетикӣ ҷои 8 – умро ишғол менамояд. Дар ҳудудӣ кишвар 55,4% - и манбаҳои обӣ ва 52% ҳаҷми умумии пиряхҳои Осиёи Марказӣ ҷой доранд. Сарвари давлат дурнамои таҳдидҳои экологии ҷаҳонро дарк намуда баҳри пешгирии он ба Ассамблеяи Созмони Милали Муттаҳид якчанд пешниҳодҳои муфид пешкаш намуданд. Баҳри таъмини аҳолӣ бо обӣ аз ҷиҳати экалогӣ тоза " соли 2003 – соли оби тоза", солҳои 2005-2015 "даҳсолаи амалиёти об барои ҳаёт", соли 2013 – соли ҳамкории байналмилалӣ дар рушди устувор", "даҳсолаи байналмилалии амал "об барои рушди устувор, 2018 – 2028 аз ҷониби сарвари давлат эълон гардид. Дар баробари ин ҳама тадбирҳои андешида боз ба мушоҳида мерасад, ки баъзе аз сокинони кишвар доир ба хатарҳои экологӣ беаҳамиятӣ менамоянд ва дар ҷӯйҳои ровони об партовҳои гуногун мепартоянд ин гувоҳи он аст, ки як қисми аҳоли то ҳол аз маърифати экологӣ бахурдор нестанд. Қисмати зиёди мамлакатҳои Африко ва хушксолии пай дар пай давлатҳои Ҳабашистон, Судон, Нигерия аз норасоии оби тозаи нӯшокӣ танқиси мекашанд. Аҳолии давлатҳои аз ҳисоби обӣ тоза танқисӣ мекашида, обҳои ифлосро истеъмол мекунанд ва ба бемориҳои гуногун кудакон ва калонсолон гирифтор мешаванд. То чи андоза муҳимияти оби нӯшомиданиро онҳое дарк мекунанд, ки аз норасоии он танқиси мекашанд ва барои ба даст овардани ҳатто оби ифлос чандин километрҳо роҳро тай мекунанд ё дар ҳафта ва моҳ як маротиба дастраси ба об мекарданд. Пас бояд дар ин ҷода беаҳамиятӣ зоҳир нанамоем ва баҳри ҳимояи ин неъматҳо сайю кӯшиш намоем.

Доир ба баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ, 29 декабри соли 2010, таҳти рақами № 673, "Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маърифати экологии аҳолӣ", қабул карда шуд, ки тибқи моддаи 1- и он маърифати экологӣ – ин раванди таълим, ки мақсади он аз маърифати экологӣ баҳравар кардан, дар рӯҳи маърифати экологӣ таълиму тарбия додан, пойдор гардонидани фарҳанги экологӣ, дуруст ва оқилона муайян кардани тамоили донишандӯзӣ, нишон додани қобилият ва ташаккули рафтори дурусти шахсони алоҳида ва аҳолӣ оид ба ҳифз ва истифодаи табиат иборат мебошад.



**Равшан ОСТОНАЕВ**
**магистри соли 1**

*Пиряххо яке аз манбаъҳои асосии оби ошомиданӣ дар ҷаҳон ба шумор меравад. Бо ин мақсад, барои тоҷикон боиси ифтихор аст, ки дар Иҷлосияи 27-уми Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим, ки 14 декабри соли 2022 баргузор гардид, пешниҳоди навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо тарафдории 153 кишвари аъзо ҷонибдорӣ ёфта, соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ва 21 март Рӯзи байналмилалии пиряххо эълон гардиданд. Инчунин дар ҷаласаи мазкур дар назди ин созмони бонуфузи умумиҷаҳонӣ Фонди боэътимоди махсус барои ҳифзи пиряххо таъсис дода шуд. Тарафдории ташаббусҳои инсондӯстона ва созандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаҳои вобаста ба об ва иқлим аз баланд рафтани обрӯву нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ далолат медиҳад. Дар асоси сиёсати дурбинонаи Сарвари давлат, Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои марбут ба об ва ҳифзи пиряххо дар ҷаҳон ҳамчун давлати пешоҳанг ва ташаббускор эътироф гардид.*



Комрон ҶАМШЕДЗОДА
мушовири калони Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ПИРЯХҲО – МАНБАИ АСОСИИ ОБИ ОШОМИДАНӢ



Ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он дарак медиҳанд, ки онҳо на танҳо дар рушди иқтисодиву иҷтимоии кишварҳо, балки ҷиҳати ҳифзи пиряххо ва истифодаи захираҳои обӣ, инчунин роҳандозӣ гардидани ислоҳоти дурусти муҳофизати пиряххо нақши муҳиму созанда ва бунёдӣ доранд. Зеро, дар заминаи ташаббусҳои байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа тағйир ёфта, барои танзими муносибатҳои нави бамиёномада дар муносибатҳо вобаста ба ҳифзи пиряххо дар минтақа ва ҷаҳон зарурати қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ва ё ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ба миён меояд.

Албатта тамоми пешниҳодҳо ва ташаббусҳои Сарвари давлат, пеш аз ҳама, бо баназаргирии вазъи минтақа, имкониятҳо ва захираҳои табиии кишвар роҳандозӣ гардидаанд. Бахусус, пешниҳод оид ба таъмин намудани кишварҳои Осиёи Марказӣ бо оби тоза тавассути таъсис додани Консортсиуми байналмилалӣ доир ба истифодаи оби кӯли Сарез, далели оини баланди давлатдорӣ, нигоҳ доштани анъанаҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамгироии давлатҳо дар ҳалли мушкилоти пешомада мебошад. Зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93 фоизи қаламраваш кӯҳсор аст, яке аз манбаъҳои асосии оби Осиёи Марказӣ буда, аз пиряххои он 60% захираҳои оби минтақа ташаккул меёбанд.

Дар ин замина, бо мақсади ҳифз ва омӯзиши пиряххо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зиёд андешида шуданд. Аз ҷумла бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳифз намудани пиряххо «Барномаи давлатӣ оид ба омӯзиш ва нигоҳдории пиряххои Тоҷикистон барои соли 2010-2030» аз 3 майи соли 2010, №209 қабул гардид. Дар доираи он дар пиряххои асосии ҷумҳурӣ корҳои омӯзишӣ ба роҳ монда шуда, мониторинги пиряххои Тоҷикистон гузаронида мешавад. Инчунин дар назди Академияи миллии илмҳо «Маркази омӯзиши пиряххо» таъсис дода шуд, ки ҷиҳати ҳифзи пиряххо ба натиҷаҳои назаррас ноил гаридааст.

Бо назардошти танзими муносибатҳои воқеии ҷомеа, дар заминаи пешниҳодҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи 77-уми Созмони Милали Муттаҳид марбут ба ҳалли мушкилоти вобаста ба обу иқлим ва ҳифзи пиряххо, аз ҷониби мақоми олии қонунгузории кишвар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряххо» аз 3 январи соли 2024, №2026 қабул гардид. Мақсад аз қабули Қонуни мазкур муайян намудани асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии ҳифзи пиряххо ҳамчун объектҳои муҳити табиӣ, барои ба роҳ мондани корҳои омӯзишӣ, илмию таҳқиқотӣ, мониторинг ва ҳифзи пиряххо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқиро фароҳам меорад ва пешбурди сиёсати давлатӣ ва байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи пиряххоро ба таври мушаххас танзим менамояд.

Қабули қонун падидаи илмӣ ва амалии мураккаб буда, паҳлуҳои зиёд дорад. Илова бар ин, дар замони муосир зарурати таҳқиқи илмии ҳифзи экология, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, ки боиси обшавии пиряххо гардидааст, дар робита бо падидаҳои нави илмӣ дар низоми қонунгузорӣ эхсос мегардад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряххо», пеш аз ҳама, шаҳодат аз он медиҳад, ки давлат дар ҳифзи пиряххо манфиатдор мебошад. Мутобиқи моддаи 5 қонуни зикршуда пиряххо моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат ҳифзи онҳоро кафолат медиҳад.

Тибқи талаботи меъёрҳои Қонуни амалкунанда, сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи пиряххо маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва фарҳангию маърифатиро дар бар мегирад. Сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи пиряххо ба ҳифз ва нигоҳдории пиряххо ҳамчун манбаъҳои стратегии захираҳои об барои манфиатҳои аҳолӣ, соҳаҳои иқтисодиёт, таъмини тавозуни устувори экологӣ, нигоҳдории макони зисти намудҳои нодир ва зери хатари нобудшавӣ қарордоштаи олами наботот ва ҳайвонот равона карда шудааст.

Дар ҳаёти имрӯза, ҷаҳонишавӣ ба инкишофи қонунгузорӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Масъалаи экология яке аз масъалаҳои муҳими умумиҷаҳонӣ буда, ин муносибат аз ҷумлаи робитаи байни давлатҳо бидуни сарҳади давлатӣ, ҷуғрофӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ривоҷ меёбад. Бо ин мақсад олимони моро зарур аст, ки дар асоси шартномаҳои байналмилалӣ бо олимону мутахассисони хориҷӣ ҳамкориро ҷиҳати рушди соҳа ба роҳ монда, корҳои илмию амалиро анҷом диҳанд. Инчунин ба қонунгузорӣ, ки воситаи асосии танзимнамоии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, бо мақсади ҷаҳонишавӣ таклифу пешниҳодҳои мушаххас манзур намоянд.

Қобили зикр аст, ки тағйирёбии иқлим яке аз масъалаҳои ҳалталаби замони муосир буда, донишҳои махсуси илмиро талаб менамояд. Аз ин лиҳоз, ин вазъият таваҷҷуҳи махсусро тақозо мекунад, зеро таъсири он ба захираҳои об, махсусан ба пиряххо хеле равшан ва ташвишовар гардидааст.

Дар ин раванд, қабули Қонуни мазкур саривақтӣ буда, бо эълон гардидани соли маърифати ҳуқуқӣ дар кишвар ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии экологии шаҳрвандон дар ҷумҳурӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ миёни муассисаҳои илмӣ заминаи ҳуқуқӣ мегузорад.

Дар асоси таҳқиқи ҳифзи пиряххо дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулоса омадан мумкин аст, ки тағйирёбии иқлим дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дошта, таҳиқоти илмии асоснок ва қабули санадҳои қонунгузории танзимкунанаи минтақавӣ ва байналмилалиро тақозо менамояд.

Ҷиҳати рушди қонунгузорӣ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти пешгирии тағйирёбии иқлим оид ба пиряххо ҳамчун объекти муҳити зист ва манбаъҳои стратегии захираҳои об, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряххо» пешниҳод менамоем, ки вобаста ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳаи шаҳрвандон дар қонуни номбурда меъёри муайян муқаррар карда шавад. Зеро дар моддаи 19 Қонуни амалкунанда меъёр оид ба тартиби ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони воқеӣ муқаррар шудааст. Дар чунин ҳолат, бояд мутобиқи талаботи қоидаҳои умумии техникаи қонунгузорӣ дар санадҳои қонунгузорӣ моддаҳои муайян, мушаххас ва танзимкунандаи воқеии муносибатҳо дар хусуси ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳаи шахсони воқеӣ муқаррар карда шавад. Чунки шахсони воқеӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҷамъиятӣ вазифадоранд, ки дар муносибат бо табиат ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худро донанд ва онҳоро риоя намоянд.

# АҶАБ ДУНЁИ РАНГИНУ ЗЕБО ДОРАД МОДАР

*Ривоят мекунанад, ки Худованд накҳат аз гул, нӯш аз ангубин, гарми аз офтоб, тароват аз борон, шукӯҳ аз осмон, борандагӣ аз абр, равшани аз субҳ, зебоӣ аз баҳору хушилҳомӣ аз андалеброн қатра-қатра ҷамъ оварду занро офарид, то ҷаҳонро равшану инсониятро хушбахт гардонад. Воқеан ҳам ҳазор таҳсину тавсиф худоеро ки чунин мавҷудеро барои инсон халқ намуд, барои он ки дар ин зиндагии пурталотуб шонае дошта бошем, сари худро бар сари он гузорем, таягоҳе дошта бошем, ки баъди ин ҳама мушкилоти рӯзгор қуввати дилу ҷони мо бошад. Ҳеҷ як мавҷуде, ҳеҷ як неъмате наметавонад ҷойгузини модар бошад.*


Сафаргул ШОҚУЛОВА
муаллимаи калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ

Модар шахсияти муқаддас аст. Вақте, ки симои ӯ пеши назар меояд, аз чашмони ӯ, аз тамоми ҳастии вай нур меборад. Ин нур роҳиояндаи ҳаётамонро равшан месозад. Меҳри беҳамтои модар ба мисли хуршеди олам аст, ки ба тамоми олам саховатмандона нур мепошад, ишқи поки модар ба мисоли чашмаҳои пурҷӯшест, ки дашту биёбонро гулистон мекунад. Ширинтарину гуворотарин ва азизтарин сухан ин модар мебошад. Модар дар ҳама ҳолат чи ҳозиру ғоиб пайваста дар ёди фарзанд аст. Оромиву сиҳатӣ ва хушгуфтории фарзандро дида меболад. Аҷаб дунёи рангину зебо дорад модар.

Зан беҳтарин муъҷизаи парвардигор аст Худованд ба зан зебоӣ, иффат, дилрабоӣ, шуҷоат, садоқату ҳунармандӣ, меҳру муҳаббат, наслофарӣ ва фариштахӯиро эҳдо кардааст. Дар хонадоне, ки аз меҳру навозиш ва файзу нусрати зан баҳравар нестанд, он ҷо баракат нест. Охир беҳуда нагуфтаанд. «Саодати зиндагӣ дар калимаи зан нуҳуфтааст»

Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз инсонро дар лаболаби ҳама тазодҳои зиндагӣ ба фазлу муҳаббат мисли модар ҳидоят карда наметавонад.



Ҳамин аст, ки аз ҷониби роҳбари давлат ҳама гуна дастгири барои занону духтарон ҳамасола дар назар дошта мешавад. Ҷойгир намудани занону духтарон дар радифи идораву корхонаҳо баҳри иҷрои вазифа боис бар он мегардад, то мансаби таъсиснамуда ба пуррагӣ ба мақсади худ ноил гардад. Зан-модар бо садоқату меҳрубонӣ, бо ростиву накукорӣ корро пеша менамояд ва албатта дар коре ки дар он нақши зан таҷассумгар бошад, ҳатман саршор аз муваффақияту дастовез мебошад. Аз ин рӯ ҳукумати мамлакат амалӣ гардидани тадбирҳоро баҳри пешрафти занону духтарон пайваста инкишоф медиҳад ва ҳамаҷониба баҳри таъмин намудани чунин сиёсат талош меварзад. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани “Стратегияи миллии фаъолгардонии санадҳои муҳими марбут ба беҳдошти вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавии занону бонувон заминаи воқеӣ гузошт.” Дар асоси санади меъёрии зикршуда як қатор иқдомот баҳри ташаккули фаъолияти бонувон сурат гирифт. Бо боварии комил метавон қайд намуд, ки баъди ин ҳама дастгирии давлату ҳукумат занону модарони мо нигоҳдорандаи одобу ахлоқи миллӣ, давомдиҳандаи беҳтарин анъанаҳои миллати тамаддунофари тоҷик мебошанд. Ва ба ҳамин маънӣ, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯри бо занони фаъоли Тоҷикистон иброз дошта буданд: «Ҷомеае, ки ба зан модар ғамхори менамояд, баояндаи худаш ғамхори мекунад. Давлате, ки нисбат ба модар ин сарчашмаи ҳаёт ва бақои насли инсон бепарво бошад,ояндаи худро аз даст медиҳад».

Занони мақомоти қудратии кишвар бори дигар собит сохтаанд, ки аз мардони майдон ҳеҷ камие надоранд. Умуман занони тоҷик аз рӯзҳои аввали таъсисёбии давлати Тоҷикистони соҳибистиқлоламон барои ба ҳаёти ҷамъиятӣ пайвастани занон тамоми шароитҳо, заминаҳои ҳуқуқи фароҳам мебошанд.

Маҳз ҳамин зан буд, ки дар ҳар як хонадон нуру сафо, аҳду вафо, хайру сахо, меҳру муҳаббат, дӯстиву садоқат ва бахту саодат тантана намуд. Ҳаёт бо зан ширину гуворо ва дунё рангину пурҷилост.

# АСОСҲОИ ТАШКИЛӢ ВА ҲУҚУҚИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Шукрона ТОҲИРӢ
донишҷӯи курси 3

Таъмин намудани шароити мусоиди экологӣ барои зисти одамон яке аз қисматҳои муҳимми ҳаёти инсониятро дар курраи замин ташкил менамояд. Таҷрибаи чандинасраи ҷаҳони сиёсат ва идоракунӣ собит намудааст, ки танҳо давлат ва ташкилотҳои байналмилалӣ тавон ва иқтидори таъмини шароити мусоиди зисти инсонҳоро аз лиҳози экологӣ доранд. Дар ин маврид аз ҷониби давлату ҳукумат нисбати беҳсозии вазъи экологӣ ва пешгирии оқибатҳои номусоиди таъсири инсоният ба табиат тадбирҳои муайян амалӣ гардонида мешаванд. Яке аз чунин ҳолатҳоро мо аз муайяншавии масъалагузориҳои соҳаи экологӣ дар стратегияи асосии муайянкунандаи самтҳои дохиливу хориҷии кишвар бараъло мушоҳида карда метавонем.

Соли 2002 дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид гардида буд, ки: «Пешгирии хатарҳои экологӣ, сарфаҷӯии захираҳои оби нӯшокӣ, рафъи гуруснагӣ ва дигар проблемаҳои дорои хусусиятҳои умумибашарӣ мавҷуданд, ки танҳо дар сурати пешбурди оқилонаи сиёсати хориҷӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи ҷомеъаи ҷаҳонӣ ва ҳар фарди бедордили сайёра ҳал шуда метавонанд».

Дарвоқеъ, дар ин давра дар сайёраи мо дар баробари рушд кардани омори захираҳои инсонӣ, ҳамчунин, илму техника ва дар ин замина тамоми шаклҳои истеҳсолоти саноати сабук ва вазнин рӯ ба инкишоф ниҳода буд. Ин омилҳо замина мегузоштанд, ки ҳолати мӯътадили вазъи экологии дунё рӯ ба таназзул ниҳад. Барои он ки яке аз заминаҳои асосии ба табиат ҷорӣ гардидани маводҳои ғализ маҳз партовҳои гуногуни истеҳсолотиву энергетикӣ ба шумор меравaнд, ки ин ҳама ба сифати хатари экологӣ пазируфта мешаванд. Мушкили дигаре, ки боиси нигаронии ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидааст, ин ба таври сарфаҷӯёна мавриди истифода қарор гирифтани захираҳои оби нӯшокӣ ба шумор меравад, ки дар бисёре аз кишварҳои минтақа ва ҷаҳон мушкилоти норасогии ин захираи табииро ҳамарӯза эҳсос менамоянд. Ҳолатҳои болозикр гувоҳӣ аз он медиҳад, ки дар ҳолати бартараф накардани рафти чунин ҳолатҳо инсониятро хатари гуруснагӣ таҳдид менамояд.

Мутобиқи маълумотҳои омории пешниҳодгардида, алҳол зиёда аз 3 миллиард аҳолии курраи замин аз норасоии оби тоза танқисӣ мекашанд ва тибқи пешгӯиҳои олимон ин шумора то соли 2025 қариб ба 4 миллиард нафар мерасад. Ҳар рӯз, бино ба нарасидани оби тоза дар кураи Замин аз 800 то 1000 кӯдаки то 5- сола мефавтанд. Бояд гуфт, ки яке аз сабабҳои асосии зудтар об шудани пиряхҳо тағйирёбии бесобиқаи иқлим ва баландшавии ҳарорати миёнаи ҳаво буда, инчунин, бо сабаби истифодаи ғайриоқилонаи оби тоза, хусусан, дар кишоварзӣ ( то 78 дарсади оби тоза барои кишоварзӣ сарф мешавад) миқдори оби тоза коҳиш ёфта истодааст.



Бо ин назардошт, санаи 14-уми декабри соли 2024 Маҷмаи умумии Созмони Миллали Муттаҳид зимни иҷлосияи 77-ум қатъномаи соли 2025- «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»-ро, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ шуда буд, бо иттифоқи оро қабул кард. Иқдоми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо тарафдории 153 кишвари аъзои СММ пазируфта шуд.

Дар ин баробар, бо ҳамоҳангии Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид дар доираи муққарароти қатъномаи мазкур Хазинаи байналмилалии мақсадноки эътимод ҷиҳати ҳифзи пиряхҳо таъсис дода мешавад, ки ҳадафи усулии он таҳқиқоти бунёдӣ оид ба масоили омӯзиши пиряхҳо мебошад. Дар асоси иқдомоти Пешвои миллат дар сохтори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экология, инчунин Муассисаи давлатии «Маркази омӯзиши пиряхҳо» таъсис дода шуд, ки таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ дар самти идораю истифода ва ҳифзи манобеи обӣ, инчунин ҳолати обшавии пиряхҳо гузаронида мешаванд.

Бояд ангошт, ки ташаббуси навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷаҳониён бори дигар исбот намуд, ки мамлакати мо дар тамоми самтҳои барои башарият созгор ҷонибдор ва ташаббускор буда, хоҳони зисти осудаи наслҳоиояндаи инсоният дар кишварҳои алоҳида, минтақа ва ҷаҳон мебошад.

# 9 МАЯ – ТРИУМФ ДОБРА НАД ТЬМОЙ ТИРАНИИ



*9 мая — это день, когда празднуется победа над нацистской Германией во Второй мировой войне. Этот день символизирует триумф добра над тьмой тирании и подвиг советского народа в борьбе за свободу и независимость. Юридический аспект этой темы представляет собой важное направление, поскольку война и ее последствия оказали значительное влияние на правовую систему и международное право.*



Мадина ХАЛИМОВА
студентка 3-го курса

Во-первых, следует отметить, что Вторая мировая война привела к формированию международных норм и конвенций, направленных на предотвращение подобных конфликтов в будущем. Одним из ключевых документов, созданных после войны, стал Устав Организации Объединенных Наций, который закрепил принципы мирного урегулирования споров и защиты прав человека.

Другим важным аспектом юридического значения 9 мая является международное гуманитарное право, которое регулирует поведение сторон конфликта и защищает права гражданских лиц во время вооруженных конфликтов. События Второй мировой войны послужили основой для разработки и усовершенствования этих норм, например, в отношении защиты гражданского населения от преступлений против человечности.

Кроме того, 9 мая напоминает о важности судебного преследования военных преступлений и преступлений против человечности. Многие преступники были преданы суду после окончания войны, что подчеркивает принцип неприкосновенности прав человека и ответственности за совершенные деяния.

Таджикистан, в то время как советская республика, внесла значительный вклад в Великую Отечественную войну (1941-1945 гг.), которая была главным театром военных действий Второй мировой войны. 22 июня 1941 года нацистская Германия вторглась в Советский Союз, что привело к крупнейшему и смертоносному конфликту в истории человечества. Таджикистан, расположенный в Средней Азии, находился далеко от линии фронта, но все же играл жизненно важную роль в военных действиях. Таджикистан, как и другие советские республики, поставлял солдат для Красной Армии. Тысячи таджикских мужчин были призваны или добровольцами для участия в войне, многие из них служили в Среднеазиатском военном округе. Таджикские солдаты участвовали в некоторых из самых важных сражений войны, включая Сталинградскую битву, блокаду Ленинграда и Курскую битву. Они также участвовали в освобождении Восточной Европы и последнем штурме Берлина. Помимо солдат, Таджикистан также внёс свой вклад в военные действия, предоставив ресурсы и припасы. Республика была крупным поставщиком хлопка, важного материала для изготовления обмундирования и другого военного снаряжения. Таджикистан также поставлял в Советский Союз продукты питания, лекарства и другие товары первой необходимости во время войны.

«Отмечая День Победы, нужно помнить уроки прошлого и стремиться строить лучшее будущее для всего человечества, основанное на принципах справедливости, равенства и уважения человеческого достоинства» отметил Основатель мира и национального единства - Лидер нации Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон на своём ежегодном поздравительном послании по случаю празднования Дня Победы в 2017 году.

Таким образом, вклад Республики Таджикистана в Великую Отечественную войну был значительным несмотря на то, что он находился далеко от линии фронта. Республика предоставила солдат, ресурсы и разведанные, которые были необходимы для военных действий Советского Союза. Жертвы и вклад Таджикистана следует помнить и чтить как часть более широкой истории Второй мировой войны. Таким образом, 9 мая является символом победы добра над злом и тиранией, а также о важности соблюдения принципов права и международных норм.

«ДАВАЙТЕ БУДЕМ ПОМНИТЬ ПРОШЛОЕ, ЧТИТЬ НАСТОЯЩЕЕ И ОБЕСПЕЧИВАТЬ МИРНОЕ И СВЕТЛОЕ БУДУЩЕЕ!»

# 9 МАЙ – РӮЗИ ҒАЛАБА



Хушдил ҚУРБОНОВ
донишҷӯи соли 3

Дар таърихи инсоният санаҳое ҳастанд, ки бо гузашти солҳо аҳамият ва бузургии онҳо боз ҳам бештар аён мегарданд. Ҳар сол дар кишвари азизу маҳбуби мо ба хотири ёдбуди онҳое, ки баҳри халқу Ватан дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҷон фидо намудаанд ва барои қадрдонии онҳое, ки баҳри ба даст овардани ғалаба мардонавор ҷангидаанд, 9 май ҳамчун Иди Ғалаба ҷашн гирифта мешавад. Рӯзи Ғалаба ҳам дар радифи ҳамин гуна санаҳои фаромӯшнашуданӣ мақом дорад. Он барои тамоми инсоният, аз ҷумла мо, тоҷикистониён низ азиз ва гиромӣ аст.

Ҳоло мо дар остонаи таҷлили 79 – умин солгарди ғалаба бар фашизм қарор дорем. Ин санаи муҳим дар таърих саҳифаи навинеро сабт намуд. Яъне ки субҳи 22-юми июни соли 1941 Германияи фашистӣ бо қувваи зиёди ҳарбӣ: 5,5 млн аскар, ки иборат аз 190 дивизия буд, ба ИҶШС ҳуҷум овард. Дар ҳайати ин лашкар кӯшунҳои Венгрия, Италия, Руминия ва Финландия ҳам буданд. Дар як вақт Германияи фашистӣ тули зиёда аз 3000 км сарҳадро вайрон карда, ба хоки ИҶШС 5,5 млн аскар, 3712 танк, 4950 сомолётҳои ҷангӣ, 47260 тӯп ва миномиётҳоро ба кор даровარданд. Германияи фашистӣ ҷанги барқосоро гузаронида ва дар муддати 2 моҳ кушунҳои шӯравиро шикаст додани буд. Германияи фашистӣ ба он умед дошт, ки ҷанги ногаҳони Иттиҳоди Шӯравиро пароканда ва шикасти ҳарбии онро метезонад. Вале фашизм ба нияти худ нарасид. Баръакс, ҳуҷуми аҳдшиканонаи Артиши Сурхи шуравиро ҷасуртару дустии халқҳоро қавитар гардонд. Ҳамаи халқҳои ИҶШС ва Артиши Сурхи қаҳрамони он аз дақиқаҳои аввали ҷанг ба ҷанги тан ба тану барои ҳаёту мамот бархостаанд. Дар байни онҳо тоҷикон ҳам буданд.

Иштироки Тоҷикистониён дар муҳорибаҳо зиёд буд. Муҳорибаҳои калонтарин ин муҳорибаи Сталинград (1941-1943),муҳорибаи Курск (5 июл- 23 августи соли 1943), муҳорибаи Лелинград ( 1941-1944), муҳорибаи Днепр (август- декабри 1943). Дар ин муҳорибаҳо ҷанговарони тоҷик зиракиро аз даст надода то охир мубориза мебурданд. Шиорҳои асосии ибтидои ҷанг “Ватан -Модар даъват мекунад” ва Ватани сотсиалистӣ дар хатар аст” гардида буданд. Умуман, аз кишвари мо беш аз 290 ҳазор нафар бевосита дар задухӯрдҳои шадиди ҷанги зидди фашизм иштирок намуда, аз худ ҷасорату мардонагиҳои бемисл зоҳир кардаанд. Эҳсоси ватандӯстӣ ва мушкилнописандии онҳо имрӯз барои мо, ки истиқлолияти давлати худро таҳким бахшида, созандагиву бунёдкорӣ ва ободии Тоҷикистони азизро ҳадафи хеш қарор додаем, намунаи ибрат ва сабақ аст.

Дар фронтҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ИҶШС зиёда аз 290 ҳазор шаҳрвандони Тоҷикистон иштирок намуда 54 нафарашон ба унвони Қаҳрамонии Иттиҳоди Шӯравӣ сазовор гаштаанд,ки 18 нафарашон дорандаи се Ордени Шараф мебошанд, 34 ҳазор нафар бо ордену медалҳои гуногуни ИҶШС мукофотонида шудаанд. Ин саҳмгузори боиси қурбонии зиёда аз 59 ҳазор ҷони тоҷикон гардидааст.

Ин ҷанги хонумонсӯз, ки ҷони ҳазорҳо ҳамватанони




моро рабуд, чунон ба рӯҳияи мардум таъсир расонида буд, ки ҳама - пиру ҷавон, хурду калон ва ҳатто занон ҳам тайёр буданд ба ҷанг раванд. Халқи меҳнаткаш бошад баҳри таъмини озуқаворӣ ва сару либоси сарбозон талош меварзид. Баҳри ба даст овардани ғалаба на танҳо дар фронт, балки дар ҷабҳаи меҳнат низ мардум талош меварзиданд. Дар баробари мардон занон низ мардонавор бо душман меҷангиданд ва қаҳрамонии занони далери тоҷик дар хати фронт шоистаи ифтихор ва таҳсин аст.

Ёди неки ин мардони шуҷоъ дар хотираҳои ҳар як хурду калони Тоҷикистон абадӣ аст. Ҷоннисориҳои ин далерон намунаи ватандӯстӣ ва қудрати мардонагӣ барои ҷавонмардон аст. Бигзор насли ояндаи Тоҷикистон бо чунин ҳисси бузурги ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ифтихори миллӣ неруи худро танҳо барои ободии Ватани хеш сарф намояд.

# 9 МАЙ - РӮЗИ ҒАЛАБА



*Ҳамасола дар кишвари азизамон 9 май ҳамчун «Рӯзи Ғалаба» ҷашн гирифта мешавад ва санае мебошад, ки фаромӯшношуданист. Ҷанги Бузурги Ватани имтиҳони ҷиддии садоқат ба Ватан, озодӣ, истиқлол, дӯстию бародарӣ гардид. Воқеан ҳам солҳои ҷанг ҳар қадар аз мо дур шаванд ҳам корнамоӣ, далерӣ ва шуҷоати бепоёни падарони қаҳрамони мо дар мубориза бар зидди фашизм дар майдони ҷанг ва меҳнати шуҷоатнок дар ақибгоҳ ҳамон қадар барҷастатар азизтар ва аёнтар мегардад. Ин набарди хонумонсӯз на танҳо барои он Ҷанги Бузурги Ватани номида шудааст,ки дар он мардуми зиёд ба ҳалокат расид ва зарари зиёду харобиҳо ба бор овард, балки дар ин ҷанг ватандӯстии воқеии мардуми шӯравӣ, ки дар мубориза бар зидди Германияи фашистӣ ғолиб омад, зоҳир гардид. Мардуми шӯравӣ на танҳо бар зидди ҳуҷуми аҳдшиканонаи душман истодагарӣ кард, балки Ватани азизи худро аз қадами номубораки истилогарон ҳимоя намуд.*

# РӮЗИ ҒАЛАБА ҲУМОЮН БОД!



**Муҳаммад СОЛИЕВ**
**донишҷӯи соли 3**

Дар ин ҷанги беамон барои ба даст овардани озодӣ ва истиқлолияти Ватан ҷанговарони шӯравӣ аз сарбози қаторӣ то афсари олирутба - генералу маршал мардонагӣ, ҷасурӣ, устуворӣ ва қаҳрамонии оммавӣ нишон доданд. Дар солҳои ҷанг халқи шӯравӣ натанҳо ғалабаи иқтисодӣ, ғоявӣ, маънавиро низ ба даст овард ва яке аз омилҳою сарчашмаҳои асосии ғолибият дар ин ҷанг дӯстии халқҳои шӯравӣ буд. Арзиш ва аҳамияти таърихии ғалабаи бузург пеш аз ҳама дар он таҷассум ёфтааст, ки он аҳли башарро аз зулмоту асорат, аз қувваи бадию ҷаҳолати аҳриманӣ раҳоӣ бахшида, инсонҳоро ба рузи нек, озодиву саодат, нишоту пирӯзӣ, дӯстиву рафоқат расонид. Фиристодагони тоҷик барои мубориза бар зидди фашизм корнамоиҳои зиёде нишон додаанд, то ки сулху озодӣ ҳамеша пойдор бошад. Дар натиҷаи ин ҷанг садҳо ҳазор нафар тоҷикон маъюбу ҷони худро қурбон кардаанд.Таърих гувоҳ аст, ки тоҷикон ҳамавакт барои ҳимояи ватани худ, марзу буми он ҷони худро дареғ намедоранд. Тоҷикистониёни мо дар ин набард корнамоиҳои зиёде нишон дода, соҳиби унвону орденҳо, медалҳои ҷангӣ гардиданд.

Боиси ифтихор аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ тахти роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иштирокчиёни ҷангу меҳнат таваҷҷӯҳи зиёд дода, онҳоро тахти ғамхорӣ ва нигоҳубини арзанда қарор додаанд. Барои пос доштани хотираи онҳое, ки бахри тинҷиву оромии ин миллату давлат ҷони худро фидо кардаанд, тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстӣ, мардонагӣ, шуҷоатмандӣ, садоқат ба Ватан ҳар сол бо шукӯҳу шаҳомати хосса, бо тантана Иди Ғалаба ҷашн гирифта мешавад.



